*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 21 (12349)
26 майи
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



## Умеду ифтихори ҷомеа ва давлат

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон**

**23.05.2022, шаҳри Душанбе**

***Ҷавонони азиз!***

Бисту сеюми майи ҳар сол дар кишвари мо Рӯзи ҷавонон ҳамчун яке аз санаҳои муҳимми даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҷлил мегардад.

Бинобар ин, ҳамаи шумо – ҷавонони ватандӯсту хештаншиноси замони истиқлолро самимона табрик гуфта, бароятон комёбиву сарбаландӣ ва ба Ватани маҳбубамон, ки кишвари ҷавонӣ ва ҷавонон аст, сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу менамоям.

Имрӯз ҷавонони мо такягоҳи воқеӣ, умед ва ифтихори ҷомеа ва давлати Тоҷикистон ба шумор мераванд. Зеро нақши онҳо дар рушди соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии кишвар басо назаррасу арзишманд мебошад.

Тавре ки борҳо гуфтаам, дар замони муосир танҳо кишварҳое ба дастовардҳои бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа муваффақ мегарданд, ки ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи зарурӣ дода, имкониятҳои фаровони зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳоро ба самти дурусту созанда сафарбар менамоянд.

Ба ҳамин хотир, Ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз ба ҷавонон ҳамчун неруи пешбарандаи давлат ва насли ояндасоз аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуда истодааст.

Таърихи даврони соҳибистиқлолӣ возеҳ нишон медиҳад, ки ин неруи созанда сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакатро ҳамеша ҷонибдорӣ менамояд ва дар раванди татбиқи он саҳми арзанда мегузорад, яъне дар пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа иштироки фаъолона дорад.

Ҷавонони мо ҳамчунояндаи давлату миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва захираи стратегии давлату Ҳукумати мамлакат дорои ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ мебошанд.

Мо ифтихор дорем, ки ҷавонони мо ҳамқадами замони муосир мебошанд, талаботи асри навинро хуб дарк мекунанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохили кишвар ва хориҷ аз он илму дониш меомӯзанд, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои навтаринро аз худ менамоянд, ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ машғуланд ва саъю талош доранд, ки ба ин васила дар раванди ободонии Ватан ва пешрафти давлат саҳми назаррас гузоранд.

Ҳамчунин, ҷавонони кишвар ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надода, дар шароити торафт вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо ва таъсири манфии унсурҳои фарҳангиву тамаддунии бегона манфиату арзишҳои миллиро ҳимоя мекунанд ва дар мубориза бо ҳама гуна хавфу хатарҳои бар зидди давлату миллати худ равонашуда омода мебошанд.

Ҷавонони далеру ғаюри мо имрӯзҳо дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ содиқона хизмат карда, қарзи фарзандӣ ва рисолати миллии хешро содиқона иҷро мекунанд ва ҳамчун сипари боэътимоди давлатдории миллии тоҷикон дар ҳифзи марзу буми кишвар, таъмини амнияти давлату ҷомеа ва ҳимояи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ нақши бузург доранд.

Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти саҳм ва нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва давлат барои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо то ба имрӯз аз тамоми имкониятҳо истифода бурда истодааст.

Аз ҷумла, тавассути барномаҳои давлатӣ маблағгузорӣ кардани фаъолияти соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, таъсис додани Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, стипендияҳои Президенти Тоҷикистон барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва тадриҷан зиёд намудани маблағи стипендия ва шумораи он, стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон», квотаҳои президентӣ барои ҷавондухтарону ҷавонписарони ноҳияҳои дурдаст, таъсиси Шурои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти мамлакат, ҷавонгардонии сиёсати кадрӣ ва ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин гардидани шумораи зиёди ҷавонони лаёқатманд, азнавсозӣ ва ободу зебо гардонидани боғҳои фарҳанг, сохта ва ба истифода супоридани марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо, сохтмони ҳазорҳо муассисаи таълимӣ – мактабу донишгоҳҳо, инчунин, китобхонаҳои сатҳи байналмилалӣ, иншооти варзиши ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир, бунёди коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ба ҳамин роҳ фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсил ва кору зиндагӣ барои ҷавонон ва тадбирҳои дигар амалӣ карда шудаанд.

*(Давомаш дар саҳ.2)*

ТАЪТИЛИ ТОБИСТОНА

## Аз 25 май синфҳои 1 ба таътил мебароянд, дарс дар синфҳои 2-11 якуми июн анҷом меёбад

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дарсҳо барои синфҳои як 25 май ва барои синфҳои 2-11 якуми июн ба охир мерасанд.

Ҳамчунин, бо мақсади амалӣ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ҷиҳати пешгирии ҳар гуна ҳодисаҳои нохуш, вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ҷамъоварии маблағ, зиёфатороиву туҳфаситонӣ, ба сайругашт ва ё ба тарабхона рафтани хонандагон тибқи қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2017 ва фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.05.2017



дар ҳама намуди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, таҷлил намудани ҳамоиши «Занги камолот» манъ карда шудааст.

Ҳамзамон, бо ирсоли мактуб ба унвони сардорони сарраёсат, раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилояту шаҳру ноҳияҳо ба масъулин дастур дода шудааст, ки ҷиҳати фаҳмонидани моҳияти дастури мазкур бо омӯзгорон, падару модарон ва хонандагони синфҳои 9-11 корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намуда, аз натиҷаи он ба Вазорати маориф ва илм гузориш пешниҳод намоянд.

### •ДАР ИН ШУМОРА:•

*Ҷавонон ояндасозу парчамафрози миллатанд* саҳ. 3

*Амалҳое, ки мебояд маҳкум кард* саҳ. 5

*Камбудиҳо бояд бартараф шаванд* саҳ. 8-9

*Муносибати босалоҳият хуб аст, агар...* саҳ. 10

*Дониш моро сарбаланду неруманду ҳимматбаланд месозад.*
*Ян Амос Каменский*



КАЛОМИ ПЕШВО

# Умеду ифтихори ҷомеа ва давлат

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

Ҳукумати мамлакат барои боз ҳам таҳким бахшидани мақому мавқеи ҷавонон дар ҷомеа ва халлу фасли масъалаҳои онҳо бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда минбаъд низ талош хоҳад кард.

Яъне бо афзоиш ёфтани имкониятҳои иқтисодии кишвар мо минбаъд низ раванди дастгирии ҷавононро идома медиҳем ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити боз ҳам беҳтар барои кору зиндагии онҳо мунтазам чораҷӯӣ мекунем.

Дар баробари ин, ҳоло дар назди ҷомеаи мо, ки қисми асосии онро ҷавонон ташкил медиҳанд, масъалаҳое вуҷуд доранд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ, ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, инчунин, торафт вусъат гирифтани микёси таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла, терроризму экстремизм, радикализми динӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ аз ҷавонони мо, пеш аз ҳама, зиракии сиёсӣ, дониши амиқ, забондонӣ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ ва худшиносиву худогоҳиро тақозо намуда, масъулияти ҳимояи марзу буми кишвар, ҳифзи амнияти давлату миллат ва самимона дӯст доштани Ватанро талаб менамояд.

Инчунин, ҷавонони мо бояд ба масъалаҳои омӯхтани таърихи пурғановати миллати тоҷик, осори гаронбаҳои гузаштагони халқамон, пос доштани забони давлатӣ, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, арҷ гузоштан ба рамзҳои давлатӣ ва арзишҳои милливу фарҳангӣ, рушди қобилияти эҷодӣ ва густариши эҳсоси худогоҳиву худшиносӣ эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд ва дар ин самтҳо ташаббускор бошанд.

Ватанро сидқан ва самимона дӯст доштан, бо он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри истиқлолу озодӣ, сулху оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расидан, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва эҳтироми падару модарро ба ҷо овардан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҳар кадоми шумо – ҷавонон бояд ин арзишҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор диҳед.

Бовар дорам, ки шумо – ҷавонони ватандӯсту ватанпарасти кишвар аз уҳдаи иҷрои ҳама вазифаҳои дар наздатон гузошташуда сарбаландона мебароед ва минбаъд низ дар ҷодаи ободонии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон ва пешрафта гардонидани давлати тоҷикон содиқона хизмат мекунед.

Бори дигар ҳамаи шумо – давомдиҳандагони таъриху фарҳанги қадимаи миллати куҳанбунёди тоҷикро ба ифтихори Рӯзи ҷавонон табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тандурустӣ, хушбахтӣ ва дар саъю талошатон ба хотири пешрафти Ватани азизамон иродаи қавӣ ва барору комёбиҳо орзу менамоям.

***Рӯзи ҷавонон муборак, созандагони имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол!***

***President.tj***

ФОРУМ

# Президент, ҷавонон ва илми муосир

***23 майи соли равон бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи ҷавонон таҳти унвони «Президент, ҷавонон ва илми муосир» Форуми ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.***

Дар кори он муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён, муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулло Раҳмонзода, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Лутфия Абдулхолиқзода, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳилолбӣ Қурбонзода, директори Маркази тадқиқоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайриддин Усмонзода, раиси Иттифоқи касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқадори соҳаи кор бо ҷавонон Маликшо Неъматзода, муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилноза Аҳмадзода, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, олимону муҳаққиқон, додарандагони Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ, гирандагони стипендияи Президентӣ ва стипендияи Раиси шаҳри Душанбе, магистрантону донишҷӯёни фаъоли муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ва намояндагони дигар вазорату идораҳои дахлдор иштирок намуданд.

Форуми мазкур аз ду қисмат – маросими ифтитоҳ ва кор дар бахшҳо иборат буд. Дар бахшҳои форум беш аз 30 мақолаи олимону муҳаққиқони ҷавон, ки дар самтҳои гуногун корҳои илмӣ анҷом додаанд, шунида шуд.

Дар форум муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён ҷавонони хушиқболи Тоҷикистонро ба ифтихори Рӯзи ҷавонон самимона табрик намуда, гуфт, ки ҷавонон дар ҳама давру замон барои тамоми низомҳои сиёсии давлатдорӣ неруи пешбарандаи ҷомеа ба шумор мераванд. Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд ва ин таваҷҷуҳ бесобиқа аст.

Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулло Раҳмонзода иброз дошт, ки ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа арзишманд ва назаррас мебошад.

Дар форум зикр гардид, ки «Ҳукумати ҷумҳурӣ ва хусусан, Пешвои миллат аз лаҳзаҳои аввали ба даст овардани истиқлол то ба имрӯз ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Маҳз ҳамин таваҷҷуҳ нисбат ба ҷавонон буд, ки пас аз шаш моҳи соҳибистиқлолӣ 13 марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ба тасвиб расид. 17 марти соли 1994 нахустин мулоқоти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон доир гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, қонуни асосии ҷавононро қабул кард. Дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» барномаҳои марбут ба сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла, «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 1999-2000», «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2002-2005», «Барномаи ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2010-2011», «Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2013-2015, 2016-2018 ва 2019-2022» қабул гардид. Ҳамчунин, барои дастгирӣ ва ҳавасмандии ҷавонону наврасон аз 26 феврали соли 1998 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳо ва коллеҷҳо таъсис дода шуд. Аз 20 марти ҳамин сол Ҷоизаи Исмоили Сомонӣ доир ба корҳои намоён дар соҳаи илму техника барои олимони ҷавон таъсис ёфт.



КОНФЕРЕНСИЯ

***23-юми майи соли ҷорӣ бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи ҷавонон конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Нақши ҷавонон дар рушди илму маорифи кишвар" доир гардид, ки дар он вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гавҳар Шарофзода, муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода, муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ иштирок намуданд.***

# Нақши ҷавонон дар рушди илму маорифи кишвар

Р. Саидзода, вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ иброз дошт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустмарҳилаи фаъолияти худ маорифро дар сиёсати давлатӣ соҳаи афзалиятнок ва меҳварӣ эълон намуда, ба ислоҳоти куллии ин соҳаи тақдирсози миллат асос гузоштанд. Маҳсули ин ислоҳот буд, ки дар кутоҳтарин фурсат бо афзудани ҳаҷми



маблағгузории соҳа ва боло рафтани музди маоши омӯзгорон, дастгириҳои давлатӣ аз ин қишри муҳими ҷомеа, аз ҷумла, таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавонон дар риштаи илм (соли 1998), Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (соли 2006), Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (соли 2020), пешниҳоди имтиёзҳо, додани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба омӯзгорони ҷавон ва амсоли ин дар баробари болоравии сатҳу сифати таълим низомҳои пешқадами мактаб маориф ҷорӣ гардиданд. Дар канори ин, стипендияҳои номии президентӣ барои аспирантон ва олимони ҷавон, квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирӣ ва ҷалби духтарону писарони деҳот ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шуд.

- Вазорати маориф ва илм барои ба роҳ мондани ташаббусҳои навин ва татбиқи мувафақонаи сиёсати давлатии ҷавонон тадбирҳои зарурӣ меандешад. Ҳамин аст, ки аз ҷониби вазорат ҳамасола озмунҳои "Грантҳои хурд ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Навоварӣ беҳтарин" ва "Донишҷӯ ва пешрафти илму техника" бо иштироки теъдоди зиёди донишҷӯён баргузор карда мешавад. Мақсаду ҳадафи баргузории озмунҳои мазкур дарёфти чеҳраҳои тоза дар бахшҳои илму маориф, ихтироъкориву навоварӣ мебошад. Эълони солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" имконият дода истодааст, ки ҷалби таваҷҷуҳи хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои мазкур ва эҷоди кашфиёту навовариҳо ва дар ин замина расидан ба ҳадафҳои бузурги давлатӣ-эълони солҳои 2022-2026 ҳамчун солҳои рушди саноат вусъати бештар касб намояд. Боварии комил дорем, ки дар заминаи чунин ҳадафҳои бузурги давлатӣ мо тарбияи мутахассисони ҷавони риштаҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро таъмин намуда, ба равнақи илмҳои мазкур аз ҳисоби олимон ва муҳаққиқони ҷавон муваффақ хоҳем гардид,-қайд кард вазири маориф ва илм.

Сипас, Г. Шарофзода, намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба саҳми Пешвои миллат дар пойдории давлатдорӣ ва дастгирии ҷавонон ибрози андеша намуда, ҳамзамон, даъват ба амал овард, ки ҷавонон дар ҳифзи арзишҳои миллӣ ва муаррифии дастовардҳои даврони соҳибистиқлол саҳми шоиста гузоранд.

Дар идома Ғайратшо Шоев, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар мавзуи "Нақши ҷавонон дар рушди илмҳои гуманитарӣ" ва Фирдавс Алиевномзади илмҳои техникӣ, декани факултети сохтмон ва меъмории Донишгоҳи давлатии Данғара дар мавзуи "Саҳми олимони ҷавон дар татбиқи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" маърӯза намуданд.

Дар охири чорабинӣ аз ҷониби вазири маориф ва илми кишвар Раҳим Саидзода ба як қатор омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ нишони "Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон" тақдим карда шуд.

Гурӯҳи дигари омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

***Бахтовар САФАРОВ,***
***корманди Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

**23 МАЙ – РӮЗИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН**

# Ҷавонон ояндасозу парчамафрози миллатанд

**Барои ҳамаи мо, сокинони Тоҷикистони азизи соҳибистиқлол, боиси ифтихору сарафрозист, ки диёри арҷмандамон марҳила ба марҳила рушд меёбад, пеш меравад ва ободу зеботар мешавад. Аз файзи Истиқлоли давлатӣ аҳли кишварамон беш аз сӣ сол боз зиндагии осоишта доранд ва бо азму иродаи қавию устувор ба созандагию бунёдкорӣ машғуланд. Мо, ҳамагон, қаноатманду сипосгузор аз онем, ки дар тақвиятёбию шукуфоии Ватани маҳбубамон ҷавонони саодатманди миллат нақши барҷаставу меҳварӣ ва хеле фарогир доранд.**

Осори кору пайкор, ҷасорату иродати онҳоро метавон дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти кишвар ба таври хеле равшану барҷаста ба мушоҳида гирифт ва барояшон ҳамду сано гуфт. Воқеан ҳам, ҷавонӣ неруи тозаву тавоност ва ин неру бояд, пеш аз ҳама, сарфи аъмоли неку самарбахшу мондагор шавад. Ниёгони баруманду хирадварамон садсолаҳо қабл аз ин даъват аз ҷавонон кардаанд:

*Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,*
*Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.*

Бо ифтихор метавон гуфт, ки ҷавонони саодатманди тоҷик ба андарзи ниёгони хеш садоқатманданд ва пайваста бар он мекӯшанд, ки фарзанди арзандаву бовафои халқу миллату Ватани маҳбуби худ бошанд, неруи қудратманди ҷавониашонро сарфи корҳои пурарзишу судманд намоянд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол эътибору эътимод ба ҷавонон ва неруи созандаи онҳо хеле баланд аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ ба ҷавононро дар меҳвари сиёсати хирадмандонаву дурандешонаи худ гузоштаанд, ба ҷавонон эътиқоду боварии устувор доранд ва онҳоро дилпурона «созандагони фардои кишвар» меноманду «рӯ овардан ба ҷавонон – рӯ овардан ба оянда аст» мегӯянд. Суханони зерини Пешвои миллат саршор аз муҳаббату самимият ва эътимод нисбат ба ҷавонони ҷумҳурианд: «Мо аз ҷавонони кишвар умеди калон дорем, ки вақтро ғанимат шуморида, ба хотири ояндаи неки Ватан ва пешрафти давлати соҳибистиқлол омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар, забонҳои хориҷӣ ва аз худ кардани техникаву технологияҳои навтаринро вазифа ва мақсаду мароми ҳаррӯзаи худ қарор медиҳанд».

Бо ибтикору ташаббуси Сарвари кишвар дар ҷумҳурӣ барои таҳсилу омӯзиш ва фаъолияти ҷавонон дар дарозои солҳои соҳибистиқлолии мамлакат тадбирҳои зиёде андешида шудаанд. Пешвои муҳтарами миллат ҳанӯз дар нахустмарҳилаҳои ба сари қудрат омаданашон - 17 марти соли 1994 бо ҷавонони ҷумҳурӣ мулоқот ороста, онҳоро ба муттаҳидӣ, иродатмандию таҳаммулгароӣ, ба ҳиссагузорӣ дар хомӯш кардани оташи ҷанги дохилӣ ва ба омӯзиши пайваста даъват бинмуда буданд. Ин маънои онро дорад, ки Сардори давлат аз оғоз эътимоду эҳтиром ба ҷавонон доштанду онҳоро дастгирию роҳнамоӣ мекарданд. Аз ин мулоқоти таърихию муассир чандон муддати зиёд нагузашта, бо мақсади дастгирии бештару ҳамешагии ҷавонон, ташаккул ва тарғиби ҳаёти шоиставу пурсуд дар байни онҳо, бо машғулоти мувофиқ таъмин намудани ин қишри фаъолу нерӯманди ҷомеа, дарёфт ва дастгирии истеъдодҳои тозападид, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои насли ҷавон бо иқдоми Сарвари кишвар мақоми махсуси ваколатдори давлатӣ – Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки чанд сол пасонтар он бавусъаттар гардида, номи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифт. Ҳамчунин, дар ҳаёти ҷавонони мамлакат ҳодисаи дигари таърихӣ ба вуқӯъ пайваст: 23 май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон гардид. Дар иртибот ба ин ҳодисоти фархундаву нишотбахш Пешвои миллат чунин ибрoз доштанд: «Мо ҷавононро неруи созандаву бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ва ояндаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба онҳо такя мекунем». Таваҷҷуҳу эътиқоди Президенти ҷумҳурӣ нисбат ба ҷавонон дар марҳилаҳои баъдӣ боз ҳам бештару фарогиртар шуд ва ҷабҳаҳои гуногунро фаро гирифт. Аз ҷумла, ҳанӯз соли 1998 стипендияи Президенти Тоҷикистон барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хонандагону донишҷӯёни



муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбӣ, ҳамчунин, Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаҳои илму техника корҳои шоиставу пурсамар анҷом додаанд, таъсис дода шуд. Таъйини квотаҳои Президентӣ барои идомаи таҳсили ҷавонони лаёқатманд аз тамоми манотиқи мамлакат ва таъсиси стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон» имконоту шароити бештару созгоре барои таҳсили босамари ояндасозони миллат фароҳам овард. Бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат бо даҳҳо кишвари пешрафтаи дунё созишномаҳо ба имзо расиданд ва дар заминаи онҳо солҳо боз ҷавонони зиёди мо аз ҳисоби бурсияҳои ройгони барои Тоҷикистон ҷудошуда дар он давлатҳо таҳсил мекунанд. Ҷавонони мо ҳар қадар ба омӯзиши бавусъат машғул шаванд, ҳамон қадар тавонову фаъолу нававар хоҳанд буд. Махсусан, омӯзиши фанҳои бозгӯй ба талаботи рӯзафзуни замони муосир боиси боз ҳам афзудани тавонмандиву имконоти ҷавонон мегардад. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ (26.12.2019) солҳои 2020-2040-ро Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон карданд. Баргузории озмунҳои бонуфузу пурахмияти «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Илм – фурӯғи маърифат» марҳилаи навинеро дар вусъати фаъолияти ҷавонон ифтитоҳ бахшид ва доираи омӯзиши онҳоро густурдатар кард. Ҳадаф аз баргузории ин ҳама озмунҳо он аст, ки ҷавонони мо ҳар чи бештар бохираду доно,зираку тавоно, бомаърифату соҳибфазилат бошанд, ҳар чи бештар донишҳои замонавӣ, улуми дақиқ ва технологияҳои муосирро аз худ намоянд, забондониву хушрафториро пеша намоянд.

Дар рушду камолоти маънавию ҷисмонии ҷавонон, бешубҳа, варзиш нақши барҷаста дорад. Варзиш, ба эътирофи умум, муассиртарин ва муҳимтарин василаи беҳдошти саломатӣ, обутоби ҷисмонӣ ва роҳандозии ҳаёти солим ба шумор меравад, он ҳамчунин, омили ифтихору шарафмандӣ, тақвиятгари дӯстию рафоқат ва муаррифи давлату миллат дар арсаҳои бонуфузи байналмилалӣ маҳсуб мешавад. Дар кишвари мо ҳамасола даҳҳо иншооти нави варзишӣ бунёд мегарданд ва вобаста ба ин, сафи варзишгарон пайваста меафзояд. Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи варзиш соли ҳафтум аст, ки Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст ва то имрӯз ба беш аз дусад нафар варзишгар, ки дар арсаи ҷаҳонӣ ному шарафи Тоҷикистонро бомуваффақият ҳифз кардаанд, ин ҷоиза супорида шудааст. Мо ифтихормандем, ки Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов дар омодасозии варзишгарони касбӣ, густаришёбии тарбияи ҷисмонӣ ва дар парчамафрозии шарафи варзишии Ватани маҳбубамон беш аз панҷоҳ сол аст, ки хизмати шоиста мекунад. Дастпарварону шогирдони мо дар бонуфузтарин мусобиқоти дохилу хориҷи мамлакат сатҳи баланди маҳорату истеъдоди худро намоиш додаву ҷоизаҳои зиёде ба даст овардаанд. Танҳо дар давоми як соли охир шогирдони мо дар мусобиқоту чемпионатҳои ҷаҳониву минтақавӣ соҳиби чилу ду медали тилло, бисту шаш медали нуқра ва сӣ медали биринҷӣ гардиданд. Мо, ҳамчунин, аз он ифтихор дорем, ки аксар аъзои дастаҳои мунтахаби ҷумҳурӣ оид ба намудҳои варзиш хатмкардагони донишкадаамон мебошанд ва аз онҳо имрӯз тамоми сокинони кишвар мефахранд. Дар донишкада барои машқу тамрину тадриси донишҷӯён шароити созгор фароҳам оварда шудааст, майдонҳои варзишӣ, машқгоҳу дарсхонаҳо бо таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳазанд. Донишҷӯёни фаъол, иштирокдорону ғолибони мусобиқоти гуногун пайваста дастгирӣ меёбанд. Шогирдони мо рӯҳбаландӣ аз ғамхориҳои рӯзафзуни Пешвои миллат нисбат ба варзишгарон доранд ва мекӯшанд, ки аз ҳар ҷиҳат пешраву мумтоз бошанд ва ба халқу миллати худ доиман содиқу вафодор бимонанд. Бояд гуфт, ки ватандӯстӣ аз умдатарин фазилатҳои ҳар варзишгари ҳақиқист. Ин буд, ки чанде пеш бо амри дилу виҷдон ва ихтиёран беш аз панҷоҳ нафар донишҷӯи мо ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат дохил шуда, ҳамчун сарбозони далеру тавонои Ватан оғози хизмат карданд. Мо аз чунин шогирдони шарафманду сарбаланди худ, воқеан ҳам, метавонем ҳамеша ифтихоманд бошем. Шиори ҷавонони мо дар ҳар лаҳзаву ҳар вазъ бо Ватан будан, шарафу шаъни он, Истиқлоли давлатии онро ҳифз кардан аст:

*Барои Ватан ҷон фидо мекунем,*
*Ватан ҳар чи гӯяд, адо мекунем!*

Бояд гуфт, ки варзиш таъмингари хушёриву бедорӣ ва огаҳмандии ҷавонон низ мебошад. Он дар пешгирии шомилшавии ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ки имрӯзҳо дар саросари ҷаҳон доман густурдаанду пеш аз ҳама, ҷавононро гӯл задаву ба ҷонибдориашон ҷалб кардан мехоҳанд, нақши муассир мебозад. Зарур аст, ки дар шароити вазъи имрӯзаи олам, ки азму талоши тамоми неруҳои ифротгароиву иртиҷоӣ барои таъсиргузорӣ ба мафкураи ҷавонон ва истифодаи қувваю зеҳни тавонои онҳо бо мақсади амалисозии ҳадафҳои манхуси муғризонаи худ равона шудааст, ҷавонони мо бояд ҳамешаву ҳама ҷо хушёру бедор бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва доимо дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, посдории давлату миллат омода бошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон хеле самимона ва ғамхоронаву падарона муроҷиат карда, гуфтаанд: «Шумо, ҷавонони азиз, бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯи илму донишҳои муосир бошед, касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ кунед, ба Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли хеш содиқ бошед, сарзамини аҷдодиро самимона дӯст доред, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳимоя кунед, нангу номус ва ҳисси баланди миллии худро ҳифз намоед, эҳтироми падару модар ва пирону калонсолонро ба ҷо оваред».

Ҷавонони хушбахту баландиқболи моро мебояд, ки ин суханони ҳикматбори Пешвои муаззами миллатро ҳамеша дар мадди назар дошта бошанд ва мувофиқ ба он ҳамчун ворисони сазовору садоқатоини ниёгони баруманди хеш таҳсил, фаъолият ва гуфтору рафтор намоянд. Ин омил таъмингари ҳақиқиву боэътимоди фардои боз ҳам пешрафтаву шукуфои Ватани азизамон хоҳад буд.



***Шодӣ САФАРОВ,***
***ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов, профессор***

ДАР АРЗҲОИ ДӮСТӢ

# Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо

**Шодиву хурсандии аз тантанаи кушода шудани сарҳадҳои ду кишвари ҳамсоя баамаломада, тоҷикону ӯзбеконро, ки расму оини муштарак онҳоро дар тӯли асрҳо ба ҳам пайванд намудааст, он рӯзҳо ҳадду канор набуд.**

Ҳар як инсони худогоҳи дар ин ду марз иқоматдошта, чи дар хонадони худ, чи дар кӯчаву бозор ва чи дар ҷои хидмативу муассисаҳои фарҳангиву фароғатӣ – дар ҳама ҷое, ки пой мениҳод, бо дили пур аз фараҳу шодӣ, бо чеҳраи саршор аз мамнуният ва бо қаноатмандӣ аз он воқеаи таърихӣ, ки 9-10-уми марти соли 2018 бо иқдоми сарони ду давлат: Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев рух дода буд, изҳори миннатдорӣ менамуд.

Шодиву хурсандӣ, бо дастфишориҳо ҳамдигарро ба оғӯш кашиданҳои одамонро дар сарҳадҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, бахусус, марзҳои Панҷакенту Самарқанд ва ноҳияҳои Турсунзодаву Деҳнав дида, мардум намедонистанд хурсандии худро чӣ тавр изҳор намоянд.

Чунонки ба ҳамагон, аз ҷумла, ба зиёиёни ҳар ду кишвар маълум аст, зимни воҳӯриҳои сарони ду давлат, рӯзҳои 9-10-уми март, дар Душанбе ва 17-18-уми августи ҳамон сол, яъне соли 2018, дар Тошканд на танҳо кушодани роҳҳои сарҳадии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар мадди назар буд, ҳамзамон, ҳалли масъалаҳои дигари ба манфиатҳои ҳар ду давлат иртиботдошта низ бояд мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор мегирифт. Бояд қайд кард, ки ҳангоми чунин воҳӯриҳо, дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Тоҷикистон, 27 санад ва дар доираи сафари Президенти Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 26 санади муҳим ба имзо расонида шуд.

Маврид ба таъкид аст, ки санадҳои баимзорасида ҳар қадом дар рушди ҳамкориҳои ин ду кишвари ҳамҷавор нақши беандоза муҳиму созандаро хоҳанд бозид. Аммо мо, зиёиён, аҳли фарҳанг ва илму маорифи Тоҷикистонро, шартномаҳои дар иртибот ба санади 16-ум «Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳокимияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва илмӣ» ва қисмати дуюми санади 6-ум, ки байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва шаҳри Тошканд «Оид ба ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарӣ» ба тасвиб расидааст, хушҳолу рӯҳбаланд месозад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин ду санади мазкур дар изҳороти матбуотии Президентони ҳар ду кишвар, ки 9-уми марти соли 2018 дар Душанбе баргузор ёфта буд, бахусус, дар гузориши Президенти ҷумҳурӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври зайл мавриди тавзеҳ қарор дода шудааст: «Мо масъалаҳои ҳифзи мероси маънавӣ ва фарҳангии ду халқи бародар ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ба роҳ мондани робитаҳои миёни ходимони фарҳангӣ, илмӣ ва маорифро баррасӣ намудем».

Дар ин замина, сухан дар бораи тарҷумаи адабиёти классикӣ ва муосир ба забонҳои ду давлат, инчунин, дар масъалаи мутаносибан ба роҳ мондани омӯзиш ва таълими забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мерафт.

Ҳамчунин, ҳангоми изҳороти муштараки сарони ҳар ду давлат нуқтаҳои зерин низ таъкид шуданд: «Тарафҳо ҷиҳати эҷоди шароити муносиб дар соҳаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ, табодули пажӯҳишгарон, мутахассисон, кадрҳои профессорию омӯзгорӣ ва донишҷӯён, инчунин, мубодилаи маълумот оид ба эътирофи мутақобилии санадҳо доир ба тахассус (квалификатсия) ва унвонҳои илмӣ ҳамкорӣ менамоянд”.

Оре, бояд ҳамин тавр ҳам мешуд. Зеро чунон ки медонем, ба сабабҳои номаълум мондани тақдири оянда фарзандон бо гирифтани маълумоти миёнаву олӣ ба забони узбекӣ, як идда падару модарони ӯзбекзабон дар баъзе ноҳияҳои Тоҷикистон ихтиёран ариза навишта, фарзандони худро ба синфҳои тоҷикӣ интиқол медоданд, то ки пас аз хатми мактаб таҳсили касбу ҳунаромӯзиро дар коллеҷу мактабҳои олӣ ба забони тоҷикӣ идома дода тавонанд. Албатта, ин амал, бахусус, барои фарзандони онҳо вазнин маҳсуб меёфт. Акнун руйи чунин ташвиши нобасомониҳо, ки шояд ба таври сунъӣ эҷод мешуданд, хатти батлон кашида шуд. Гузашта аз ин, мо медонем, ки дипломҳои маълумоти олии як зумра донишҷӯёни тоҷикзабону ӯзбекзабон, ки тибқи таҳсил дар муассисаҳои олии Тоҷикистон дода шудааст, тайи ду даҳсолаи охир аз тарафи мақомоти Ӯзбекистон эътироф карда намешуд. Хурсандиовар аст, ки ҳоло ин масъала ҳалли мусбати худро ёфта истодааст.

Дар маҷмуъ, дар доираи 53 санад ба имзо расидани созишномаҳои дутарафаи Тоҷикистону Ӯзбекистонро пеши рӯ оварда, бо дили пур метавон гуфт, ки он монеаҳои сунъӣ, ки садди рушди таълиму тарбия дар ду кишвари ҳамҷавор гардида буданд, гӯё дар як мижа задан бо иқдоми башардӯстонаи ҳар ду Президент бартараф гардида, ҳалли худро ёфтаанд.

**С. ШЕРБОЕВ,**
*узви вобастаи АТТ, д.и.п, профессори ДДЗТ ба номи С.Улуғзода*

АФКОР

# Нурафзои зиндагӣ

**Таърихи башар моломоли ҳодисаву воқеа, дастоварду эҷодкорӣ ва падидаҳои нодиру ноёби ҷомеасоз мебошад. Сулҳу ваҳдат аз ҷумлаи чунин дастовардҳои башарӣ буда, зебу фарри ҳаётро мазмуну маъно ва ҳусну малоҳати тоза эҳдо менамояд.**

Гузаштагони некноми мо ба ин падидаҳои муҳим арҷгузорӣ карда, онҳоро васфу тараннум мекарданд, зеро ин аркони таъсирбахш зиндагиро шоиставу гуворо ва пурнакҳату дилрабо мегардонад. Агар ба таърихи пуршарафи халқу кишвари худ амиқ назар афканем, мебинем, ки воқеан ҳам, сулҳу ваҳдат чароғи фурӯзоне буда, ки муҳитро, фазоро, ҷомеаро бо партави худ ҷило бахшида, мунаввару ҷилвагар месозанд. Тавре ки аз саҳифаҳои таърих ба назар мерасад, сулҳу ваҳдат барои ҳамаи давру замонҳо, барои ҷамеи асрҳову наслҳо заруру таконбахш будааст. Бе онҳо наметавон дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ ба бозёфту дастовардҳои дилхоҳ ноил гардид.

Чун ба авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ дида андӯзем, ба хубӣ мебинем, ки тавассути амалҳои номатлуб, мисли куштор, инфиҷор, террор, манфиатхоҳӣ, бузургманишӣ, қавму халқият ва миллату мазҳаббадбинӣ дар низоми сулҳу ваҳдат низ ноҷӯриҳо ворид сохтаанд, ки аҳли ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Ин хатарэҷодкуниҳои сунъӣ, албатта, ҷомеаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалиро ба хашму ғазаб меорад, ки боиси нигаронист. Тавре ки шоир мегӯяд:

*Ҳар ки бо душмании халқ*
*равон аст чу баҳр,*
*Зуд бошад, ки сари хеш чу*
*гирдоб хӯрад.*

Аз ин рӯ, бо итминони комил метавон гуфт, ки танҳо сулҳу ваҳдат, хираду заковати азалӣ, табиати сулҳоварию сулҳофарӣ метавонад, муосиронро аз ин вартаи мудҳиш раҳоӣ бахшад.

Мардуми шарифи Тоҷикистон хостори он ҳастанд, ки масоили печидаю ваҳими мавҷударо тавассути гуфтушунидҳои судманду боварибахш ва арҷгузорӣ ба шаъну шараф ва зиндагии шоиста доштани инсон ҳаллу фасл ва роҳандозӣ намоянд.

Тоҷикистон, ки солҳои навадуми асри гузашта зарбаи ҷанги шаҳрвандиро дар шонаи худ эҳсос карда буд, сулҳу ваҳдат ва тааммулпазириро шиори раҳоии худ аз ин зарбаи ҳалокатбор хонда, соли 1997 бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кохи муҳташами сулҳу ваҳдати миллиро бо номи «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» бо тарҳи зебою муҷалло бунёд намуда мавриди истифодаи оламиён қарор дод. Воқеан ҳам, сулҳу ваҳдат калиди дари муваффақиятҳо, созандагию ба ҳам омаданҳо, худшиносию худогоҳиҳо, ривоҷу равнақи фаъолиятҳои бунёдкорона, ҳамдигарфаҳмию ҳамдигарбахшӣ ва аз як гиребон сарбароиҳо мебошад.



***Саъдулло ҲАЙДАРОВ,***
*дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ*

МАОРИФ ВА ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА

# Мушкилоти асосӣ ҳал мешаванд

**Дар меҳмонхонаи «Серена»-и шаҳри Душанбе бо ибтикори Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши минтақавии шарикон дар мавзуи «Системаи маориф ва иттифоқҳои касаба дар мамлакатҳои рӯ ба тараққии Осиёи Марказӣ: мушкилоти асосӣ ва ҳалли он» оғоз гардид.**

Дар кори он Зулхия Нозакзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамшед Ҷӯразода-муовини якуми вазири маориф ва илм, Маликшо Неъматзода-раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, раисони ташкилотҳои ҷамъияти иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илми Қазоқистон, Беларус, раисон ва намояндагони иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илми ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ иштирок намуданд.

Ҷамшед Ҷӯразода-муовини якуми вазири маориф ва илм таъкид кард, ки дар кишвар, дар самти муносибатҳои меҳнатӣ давра ба давра санадҳое қабул карда шудаанд, ки ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ буда, бевосита барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ, меҳнати шоиста ва таъмини шароити бехатару мусоиди корӣ равона гардидаанд ва ин иқдом минбаъд низ идома меёбад.

-Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи шарикии иҷтимоӣ бо Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани ҳуқуқ ва кафолати меҳнатии иловагӣ ба кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи соҳавии байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи шарикии иҷтимоӣ бо Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023-ро ба имзо расонидааст, - зикр кард Ҷ.Ҷӯразода.

Маликшо Неъматзода - раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон вобаста ба тамоми паҳлуҳои фаъолияти иттифоқҳои касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр кард, ки тамоми фаъолияти иттифоқҳои касаба дар кишвар зери таваҷҷуҳи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Дар идома, Селви Латиф-котиби генералии Egitim-Bir-Sen, Татяна Якубович - раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Беларус ва Айгул Мукашева-раиси ташкилоти ҷамъияти Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Қазоқистон аз фаъолияти Иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илми кишварҳои худ маълумоти муфассал пешниҳод намуданд.

Дар хотима як қатор созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расида, меҳмонон аз муассисаҳои таълимӣ ва мавзеъҳои таърихию фарҳангии кишварро тамошо карданд.

**Мутахассисони соҳаи тиббӣ Тоҷикистон ва шаҳри Санкт-Петербурги Русия табодули таҷриба менамоянд.**

ИДЕОЛОГИЯ

# Амалҳое, ки мебояд маҳкум кард

*Вақтҳои охир пойгоҳҳои иттилоотии ҳизбу ҳаракатҳои дар қаламрави Тоҷикистон мамнуи Паймони миллии Тоҷикистон, ТЭТ ҲНИ, Гурӯҳи-24, Анҷумани озодандешони Тоҷикистон, ки бар зидди сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, амалҳои душманонаи худро афзун намудаанд. Албатта, чунин амал бе маблағгузорӣ ва сарпарастии хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ имконнопазир аст.*

Вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии имрӯза, вазъи геополитикӣ дар минтақа ва ҷаҳон тақозо мекунад, ки тоҷикистониён чи дар дохили кишвар ва чи берун аз он бояд дар атрофи сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат сарҷамъ шуда, барои рушди Тоҷикистон дар ин давраи ниҳоят ҳассос саҳми арзандаи худро гузоранд. Мутаассифона, афроде ки бо ном худро "ватандӯст" меҳисобанд, амсоли М. Кабирӣ, М. Садриддин, Т. Варкӣ, Ш. Гадоев ва чанди дигар аз хориҷи кишвар ба амалҳои ҷудоиандозӣ ва иғвогарӣ ба Ватани худ – Тоҷикистон сангандозӣ мекунанд.

Бале, ҳама дарк мекунад, ки имрӯзҳо вазъият дар рӯйи олам дигаргун гаштааст. Вале ба ин ҳама мушкилот нигоҳ накарда, роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки мардуми кишвар аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ин давраи вазнин эмин бошанд. Ба ҳар сурат, Ҳукумат дар амал чораандешӣ мекунад, вале Кабириву Муҳаммадиқбол ва ҳаммаслакони онҳо ба ғайр аз фитнабозӣ ва ҷудоандозӣ дигар амале надоранд. Онҳо ҷанги иттилоотии худро асосан дар сомонаҳои Паём.нет (https://payom.net); Аздо ТВ (https://azda.tv); Ислоҳ.нет (https://isloh.net); Бомдод.ком (https://www.bomdod.com); Наҳзат.орг (https://nahzat.org); Анҷумани Озодандешони Тоҷик (https://ozodandishon.org) ба роҳ мондаанд.

Барои пешрафти ватани азизи мо сарҷамъӣ ва саъйю кӯшиши зиёд, ки он ҳам бояд дар амал бошад, на дар суханҳои пуч ва нодаркор, зарур аст. Вале аз чӣ бошад, ки заҳматҳои зиёди роҳбарияти олии кишвар дар ин самт ҳама вақт зери танқиди хоинони миллат қарор мегиранд. Пас, агар шумо ин қадар тавоно ва доно бошед, дилатон ба Тоҷикистон сӯзад, биёед, якҷо Ватани худро обод созем. Мутаассифона, онҳо аз чунин амалҳои инсонӣ хеле дур мебошанд.

Боиси хурсандист, ки ахиран ба террористию экстремистӣ будани ТЭТ ҲНИ дар миқёси байналмилалӣ ва минтақавӣ боварӣ ҳосил намуда, кишварҳои узви ИДМ, СААД,




СҲШ онро дар қаламрави давлатҳои худ низ мамнуъ эълон карданд. Сохторҳои зиддитеррористии ин созмонҳо дар масъалаи ҷустуҷӯ, дастгир ва ба Тоҷикистон истирдод ва ба ҷавобгарӣ кашидани аъзои ТЭТ ҲНИ вазифадор карда шуданд.

Доираи фаъолияти ТЭТ ҲНИ дар марҳилаи ҳозира танҳо ҳудуди кишварҳои Аврупоро фаро намегирад. Роҳбарон ва тарафдорони ТЭТ ҲНИ маҷбур ҳастанд, ки ба амри хоҷагони аврупоии худ итоат карда, ҳадафҳои муғризонаи хешро бар зидди роҳбарияти олии кишвар, тоҷикон ва тоҷикистониён роҳандозӣ намоянд. Вале тамоми кӯшишҳои онҳо бенатиҷа хоҳанд буд. Мақомоти қудратии кишвар сари вақт аз тамоми амалҳои ТЭТ ҲНИ, ки бар зидди давлату ҳукумат, халалдор намудани сулҳу субот дар қаламрави кишвар равона шудаанд огоҳ шуда, онҳоро хунсо месозанд.

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар марҳилаи кунунӣ фаъолияти тахрибкоронаи ТЭТ ҲНИ дар самтҳои зерин роҳандозӣ мешавад:

-мустаҳкам кардани мавқеи ТЭТ ҲНИ дар кишварҳои Аврупо, САҲА, байни созмонҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва бо кумаки онҳо пайдо кардани роҳҳои муносиби бозгашт ба ватан ва иштирок дар ҳаёти минбаъдаи сиёсии кишвар, гузаронидани пикету тазоҳуроти зиддиҳукуматӣ;

-зиёд кардани сафҳои тарафдорони худ аз ҳисоби ашхоси норизо ё эътирозгар дар дохил ва хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Хушбахтона, вақту замон нишон дод, ки душманони миллат ба ҳеҷ ваҷҳ ба мақсадҳои нопоки худ расида наметавонанд. Тоҷикистони имрӯза, сохторҳои қудратию ҳифзи ҳуқуқи он, мисли солҳои 90-уми асри гузашта нестанд. Тоҷикистон тавони онро дорад, ки минбаъд ҳам ба ҳамаи амалҳои бадхоҳонаи ТЭТ ҲНИ зарбаи сахт занад.

***С. МУРОДОВ, Х. ДОДИХУДОЕВ,***
***кормандони шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ***

ИҚДОМИ НЕК

## Маркази таълимию методӣ ташкил шуд

Бо дастгирии раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода дар назди раёсати маорифи вилоят Маркази таълимию методӣ, табъу нашр ва таъмини маводи хониш таъсис дода шуд. Ин марказ дар расонидани кумаки методӣ ба омӯзгорон, ба низом даровардани вазъи китобдорӣ, сарикват ба мувофиқи матлаб дастрас гардидани маводҳои хониш ба муассисаҳои таълимӣ ва ғайра мусоидат хоҳад кард. Марказ дорои 15 воҳиди корӣ мебошад.

## Хонандагон дар ҳузури ҳарбиён

Дар ноҳияи Восеъ дидорбинӣ ва шиносоии хатмкунандагони синфҳои 11-и муассисаҳои таълимии ноҳия бо хизматчиёни ҳарбии дар қисми ҳарбӣ будаи ноҳия воҳӯрӣ доир гардид.

Хонандагон ба шароити зист, кору фаъолият, машқҳои тактикӣ ва истифодабарии яроқҳои оташфишон аз наздик шиносоӣ намуданд, ки ин дар камолоти маънавӣ ва ватандӯстии ҷавонон таъсиргузор хоҳад буд.

Дар воҳӯрӣ раиси ноҳияи Восеъ Ҷамшед Шарифзода ин чорабиниро шоёни таҳсин хонда, ба кормандони соҳаи маорифи ноҳия барои чунин иқдом изҳори миннатдорӣ намуд ва дастур дод, ки ин ташаббус минбаъд ҳам идома ёбад.

***С.АЗИЗӢ,***
***«Омӯзгор»***

ДОНИСТАН ХУБ АСТ

## Гулчини истилоҳот

**1. Машина** калимаи фаронсавӣ буда, маъноаш иншоот мебошад. Асосан номи ҳама гуна механизм, ки энергия ё қувваро ба кори фоиданок табдил медиҳад. Машина аз якчанд қисм иборат аст ва дар натиҷаи ҳаракат намудани ин қисмҳо ягон кор иҷро карда мешавад. Имрӯз машинаро асосан чун механизмҳои чархдор мефаҳманд: мошинаи боркаш, сабукрав ва ғайра.

**2. Марафон**, юнонӣ – як намуди спорт: аз номи Марафон ном маҳал буда, ба шарафи ҷанговари эллинӣ, ки барои расонидани хабари ғалаба бар артиши форсҳо аз он ҷо (аз Марафон) то Афина давида омада буд, чунин номида шудааст. Пиёдапойгаи марафонӣ; дарозтарин масофаи пойга дар варзиши сабукки ҳозира 42 километру 195 метр мебошад.

**3. Магазин** калимаи арабӣ буда, шакли вайроншудаи махзан мебошад. Корхонаи савдои чакана, дӯкони савдо: магазини хӯрокворӣ, молҳои хоҷагӣ, молҳои саноатӣ ва ғайра. Дар мошин, механизм, автомат, дастгоҳ – қуттии нигоҳдории элементҳо.

**4. Олимпиада** калимаи юнонӣ буда, аз номи шаҳрчаи Олимп дар Юнони қадим гирифта шудааст.

**5. Орден** калимаи лотинӣ буда, маънояш саф, дараҷа, қатор мебошад. Нишони дараҷа ва номи гуногун барои хизмати ҳарбӣ ё шаҳрвандист.

**6. Пентагон** калимаи юнонӣ буда, маънояш панҷгӯша, панҷкунҷа мебошад. Бинои панҷкунҷа дар Вашингтон, ки дар он Вазорати ҳарбии ИМА ҷой гирифтааст. Ин вазорати ИМА-ро Пентагон меноманд.

**7. Автомат** калимаи юнонӣ буда, маънояш худкор мебошад. Мошин, аппарат, дастгоҳест, ки бе иштироки одам ҳаракат карда, маҳсулот мебарорад ё ягон ҷараёнро тахти назорати одам иҷро мекунад. Бо таври васеъ ба истифода даровардани мошин, аппарат ва дастгоҳи автоматиро автоматизатсия меноманд.

**8. Адмирал** калимаи арабӣ буда маънояш амир – ул баҳр, яъне ҳокими баҳр мебошад. Унвони олии ҳарбӣ дар флоти ҳарбии баҳрӣ мебошад. Адмирал яке аз унвонҳои қадими ҳарбии баҳрии Шарқ буда, дар Аврупо аз асри 12 маълум шуд.

**9. Аннотатсия** калимаи лотинӣ буда, маънояш қайд, ёддошт, шарҳу эзоҳ аст. Нақли мухтасари асар, мақола ва ғайра ё худ аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо додан ба онҳо мебошад.

***Таҳияи Ҷамолиддин ҶАЛОЛИЁН,***
***омӯзгор***

ИННОВАТСИЯ

# Озмоишгоҳи иқтисодиёти рақамӣ дар Донишкадаи политехникӣ

Дар кафедраи иқтисодиёти рақамии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки устодон, магистрантон, докторантон ва донишҷӯёни соҳибистеъдод маросими кушодашавии расмии озмоишгоҳи «Иқтисодиёти рақамӣ» доир гардид. Озмоишгоҳи мазкур дар доираи роҳандозии лоиҳаҳои донишкада бо шарикони рушд ташкил карда шуда, аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардидааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба масъулини даҳлдор чиҳати таҳия ва васеъ истифода намудани технологияҳои муосир дар



соҳаҳои мухталифи иқтисоди мамлакат ва қабулу татбиқи «Стратегияи миллии зеҳни сунъӣ» дастуру супориш доданд.

Дар ин раванд дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ бо азму талошҳои бевоситаи директори донишкада, номзади илмҳои техникӣ Дилафрӯз Саидӣ дар ҷумҳурӣ якумин шуда, ихтисоси «Зеҳни сунъӣ» дар сатҳи бакалавриат ва магистратура ҷорӣ карда шуд.

Бо дастгирии бевоситаи роҳбарияти донишкада баробари ин озмоишгоҳ дар кафедра соли ҷорӣ се озмоишгоҳи дигар, аз ҷумла, озмоишгоҳи зеҳни сунъӣ, низомҳои иттилоотӣ ва барномарезӣ бо 45 адад компютери замонавӣ ҷиҳозонида шуданд.

*Ҳеҷ нахондан беҳтар аз хондану нафаҳмидан аст.*
*Ян Амос Каменский*

«Омӯзгор»
№ 21, 26 майи
соли 2022

ТАҲЛИЛ

# Татбиқи стандартҳои байналмилалии сифат

***Солҳои охир дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои самарбахш ва ҳадафманд дар самти баланд бардоштани сифати таълим, фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсил, ҷиҳозонидани синфхонаҳои таълимӣ ва утоқҳои корӣ, инчунин, мустаҳкам намудани робитаҳои илмию методӣ байни академияҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар мамолики хориҷ мавриди татбиқ қарор гирифта, барои ба стандартҳои байналмилалии сифат мувофиқ намудани раванди таълим ва омодасозии касбии хизматчиёни давлатӣ имконият ва шароити мусоидро муҳайё намудааст.***



Дар ин замина, соли ҷорӣ дар доираи Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» (ЛРТО), ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад, тавассути иштирок дар озмуни Барномаи озмунии грантӣ лоиҳаи «Татбиқи стандартҳои байналмилалии сифат дар таҳсилоти хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва стандартҳои байналмилалии сифати таҳсилот, татбиқ гардид. Ёдовар мешавем, ки Созишномаи грантӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва АИДНПҶТ оид ба маблағгузории лоиҳа 25 сентябри соли 2019 ба имзо расида буд.

Қобили зикр аст, ки лоиҳа ба баланд бардоштани сифати таълим тавассути ҷорӣ намудани стандартҳои сифате, ки дар таҳсилоти олии минтақаи Аврупо дар асоси принсипҳои раванди Болония қабул шудаанд, инчунин, ҳалли мушкилоти марбут ба чораҳои баланд бардоштани сифати таълими мутахассисони соҳаи хизмати давлатӣ, ки ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат мекунанд, ҷиҳати беҳтар намудани имкониятҳои шуғли онҳо равона карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар рафти татбиқи лоиҳа якчанд ҳадаф амалӣ гардид: аз ҷумла, тавассути ҷалби мутахассисон ва омӯзгорони ботаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз донишгоҳҳои пешрафтаи кишварҳои шарик (Руминия, Олмон, Қазоқистон, Украина) усулҳои самараноки таълим ҷорӣ гардид. Ҳамзамон, барои гурӯҳҳои алоҳидаи академии таҳсилоти фосилавӣ бо истифода аз дастовардҳои навтарини технологияҳои муосири иттилоотӣ ва таҷҳизот барои таълими онлайн ҷорӣ карда шуд. Барои дуруст ва самаранок истифода бурдани ин усули таълим барои ҳайати омӯзгорон ва кормандони Академия оид ба кор бо система тренингҳо гузаронида шуданд. Дар ин раванд бо мақсади баланд бардоштани тахассус ва малакаи кормандони Академия, аз ҷумла, омӯзгорон ва кормандони маъмурӣ, ташаккул додани малакаҳо дар таҳия, татбиқ ва идоракунии лоиҳаҳо чандин тренинг ва семинарҳои муфид доир карда шуд. Барои курси омӯзишӣ оид ба идоракунии лоиҳа 25 нафар шунаванда аз ҳисоби кормандон ва омӯзгорони Академия интихоб карда шуда, пас аз хатми курс ба иштирокчиён сертификат дода шуд.

Дар доираи лоиҳа барои такмили ихтисос ва ташаккули малакаи кор бо маъюбон ва умуман, малакаҳои кори иҷтимоӣ барои ҳайати омӯзгорони Академия семинар ташкил карда шуд. Семинар аз ҷониби коршиноси байналмилалии Донишгоҳи Трансилвании Брашов аз рӯи мундариҷае, ки маҷмуи малакаҳои кор бо одамони дорои имкониятҳои маҳдудро дар бар мегирад, гузаронида шуд, ки инчунин, барои тайёр кардани мутахассисони оянда ва хизматчиёни давлатӣ истифода мешавад. Курсҳои доиршуда дар маҷмуъ, ба идоракунии самаранок ва татбиқи лоиҳаҳое, ки ба рушди минбаъдаи Академия мусоидат мекунанд, ба кормандони Академия барои бо тарзи дуруст муносибат кардан бо ашхоси имкониятошон маҳдуд мусоидат мекунанд.

Ҳамзамон, дар Академия стандартҳои муосири сифати таҳсилот ва ихтисосҳои нав, ба мисли «Менеҷменти сиёсӣ», «Идоракунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», «Сиёсат ва идораи давлатӣ» бо ҷалби мутахассисони варзида аз кишвар ва аз мамолики шарики хориҷӣ мавриди татбиқ қарор дода шуд.

Дар доираи татбиқи лоиҳа нақшаҳои таълимӣ, нақшаи раванди таълим, стандартҳо, барномаҳои таълимӣ бо назардошти системаи Болония ва васеъ истифода бурдани донишҳои таҷрибавӣ ва амалӣ дар ҳар як фан барои дараҷаи бакалавр таҳия гардиданд. Барои ҷорӣ намудани ихтисосҳои нав оид ба таҳия ва омода намудани ҳар як ихтисос, бо фармони ректор гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуда, дар асоси ҳисобот ва натиҷаҳои омоданамудаи гурӯҳҳои корӣ мушовирони байналмилалӣ барои таҳлилу арзёбӣ ва тавсияҳо ҷалб карда шуданд. Пас аз ба итмом расидани навсозӣ ва натиҷаҳои ниҳоии баррасӣ мувофиқи сифатҳои таълимии байналмилалӣ, коршиносон аз Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ба омӯзиши истифода ва татбиқи стандартҳои муосири таълим ҷалб карда шуданд. Қобили зикр аст, ки коршиносони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба татбиқи стандартҳои таълимие, ки ба стандартҳои сифати аврупоӣ мувофиқанд, дар робита ба пандемияи COVID-19 тариқи онлайн тренингҳои омӯзишӣ гузарониданд.

Дар маҷмуъ, дар доираи лоиҳа синфхонаи лингофонӣ муҷаҳҳаз гардида, 24 синфхона бо васоити зарурии технологияҳои муосир таҷҳизонида шуд. Таҷҳизот аз технологияҳои компютерӣ, ба монанди тахтаҳои электронӣ, моноблокҳо, проекторҳо, принтерҳо, таҷҳизот барои гузаронидани видеоконфронсҳо ва таҷҳизоти периферӣ иборат аст.

Бо мақсади сифатан хуб иҷро намудани вазифаҳои дар боло зикршуда, ташкили курсҳо, тайёр намудани маводи таълимӣ, хариди таҷҳизоту воситаҳо барои фаъолияти иҷрокунандагони лоиҳа, мушовирон, мутахассисон ва ташкилотҳо супоришҳои техникӣ тартиб дода шуда, дар доираи онҳо амалӣ карда шуданд.

Дар доираи лоиҳа, бо мақсади табодули таҷриба ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон, шаҳри Нур-Султон сафари омӯзишӣ доир шуд. Зимни сафари омӯзишӣ аъзои гурӯҳи корӣ бо стандартҳо, нақшаҳои таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи идоракунии давлатӣ, раванди муосири таълим ва равандҳои амалии омодасозии босифати мутахассисон дар соҳаи идоракунии давлатӣ шиносоӣ пайдо намуда, инчунин, дар чорабиниҳое, ки аз ҷониби муассисаи шарик ба нақша гирифта шуда буд, иштирок карданд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки дар марҳилаи ниҳоии лоиҳа бо иштироки доираи васеи коршиносони хориҷӣ ва ватанӣ дар мавзуи «Татбиқи стандартҳои байналмилалии сифат дар таҳсилоти хизматчиёни давлатӣ: натиҷаҳои лоиҳа ва дурнамои рушд» (онлайн/офлайн) конференсияи байналмилалӣ баргузор гардид.

***Далер МИРЗОЕВ,***
***сардори шуъбаи татбиқи лоиҳаҳои раёсати робитаҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ЧТ***

ХАБАРҲО АЗ ХАТЛОН

## Тақвияти касбияти омӯзгор

***Дар раёсати маорифи вилояти Хатлон барои омӯзгорони муассисаҳои таълимии ноҳияи Кӯшониён омӯзиш ташкил гардид.***

Мавзуи омӯзиш “Методологияи дастгирии ташаккули мунтазами касбияти омӯзгор дар ҷараёни фаъолияти омӯзгор дар муассиса «Барои омӯзиш ва рушд» мебошад. Дар рафти омӯзиш ба суолҳои Барои дастгирии омӯзгор чӣ лозим аст?, Барои чӣ кумак тарҳрезӣ карда мешавад?, Кумак бо кадом роҳ расонида мешавад? ва Кӣ метавонад ба омӯзгор кумак расонад? посух гардонида шуда, тамоми самтҳои мавзуъ шарҳ дода шуд. Изҳор гардид, ки методология ба беҳшавии сифати кор равона шуда, мақсади асосии он рушди касбияти омӯзгор мебошад. Тибқи иттилои сармутахассиси Раёсати маорифи вилояти Хатлон Сафармуҳаммад Алимардонов, чунин омӯзиш дар 8 ноҳияи фарогир (пилотӣ) гузаронида мешавад, ки аз ҷумлаи онҳо Кӯшониён, Вахш, Данғара, Балҷувон ва чанде дигар мебошад.

## Қадами навбатӣ

***Бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани омодагии наврасону ҷавонон барои иштирок дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» раёсати маорифи вилояти Хатлон як қатор ташаббусҳои навро амалӣ намуда истодааст. Ташкили намоиш-фурӯши китобҳои бадеӣ низ ташаббуси навбатии раёсат мебошад.***

Ёдовар бояд гардид, ки ҳафтае қабл барои огоҳонидани иштирокчиён аз талабот ва тартиби баргузории озмуни мазкур Низомнома ва тамоми маълумотро оид ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ раёсати маорифи вилоят дар шакли китобча омода намуда, ба омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳии вилоят ва волидони толибилмон тақсим намуд.

Раёсати маорифи вилояти Хатлон пайваста бо довталабони озмунҳои ҷумҳуриявӣ дар иртибот буда, барои хубтар тайёр шуданашон мувофиқ ба имконияти мавҷуда кумак намуда истодааст. Дар асоси дастури сардори раёсати маорифи вилоят, Муассисаи таҳсилоти иловагӣ оид ба корбарӣ бо иштирокчиёни озмун масъул гардида, ҳамарӯза бо муассисаҳои таълимӣ ва шуъбаву бахшҳои маориф дар ҳамкорӣ мебошанд.




## «Гумон набаред, ки ман хурд ҳастам»

***Ба хотири тақвият бахшидани ҳунару маҳорати кӯдакон, дарёфти истеъдодҳои нав ва ҳавасмандгардонии фаъолон миёни тарбиятгирандагони муассисаҳои томактабии шаҳри Бохтар озмуни «Гумон набаред,ки ман хурд ҳастам» аз тарафи шуъбаи маориф ташкил гардид.***

- Ҳоло дар озмуни мазкур кӯдакон аз муассисаҳои томактабии шаҳр миёни ҳам бо нишон додани ҳунару маҳорати худ рақобат намуда истодаанд, - гуфт мудири шуъбаи маориф Шаъмигул Шарифзода. - Яке аз ҳадафҳои дигари ташкили озмун дар тарбият намудани кӯдакон дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, рақобатпазир будан, роҳнамоӣ барои азхудкунии қадамҳои аввали маҳорати бонувон ва бо ин роҳ беҳтар кардани ҳамкории волидон бо муассисаи томактабӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир барои тамошо ва баҳогузорӣ падару модарон низ даъват гардида буданд, ки бо завқи баланд аз дур фарзандони худро назорат мекарданд.

***С.АЗИЗӢ,***
***«Омӯзгор»***

**Соли 2021 табодули молу маҳсулот миёни Тоҷикистон ва Санкт-Петербург тақрибан 100 млн доллари ИМА-ро ташкил дод.**

ПЕДАГОГИКА

# Омили такмилбахши нутқи кӯдакон

Кӯдакон ба воситаи гуфтор ё баёни нутқи шифоҳии мураббӣ имкони қабули аз 10 то 20%-и мавод ва дар хотир нигоҳ доштани онро доранд. Агар машғулият ба воситаи намоиши аёният, кино ва маводи намоишгоҳ гузаронида шавад, кӯдакон имкон пайдо менамоянд, ки аз 30 то 50%-и маводро дар хотир гиранд. Дар ҳолати иштироки фаъолона дар суҳбату мубоҳиса ва дидани маводи намоишӣ ва адабиёти бадеӣ аст, ки ин ба инкишофи нутқ ва пешрафти кӯдакон кумак мерасонад.

Дар гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб дар бораи рассом ва расмҳои кашидаи ӯ маълумот дода, хизмати рассомро дар ороиши асарҳои кӯдакона қайд кардан мувофиқи мақсад аст. Ташкили саёҳати фаннӣ ба осорхона ва шинос намудани кӯдакон бо расмҳое, ки дар он ҷо вуҷуд доранд, мувофиқи мақсад аст. Ба воситаи расмҳо



кӯдак имкон пайдо менамояд, ки аз 70 то 90%-и маводи таълимиро фаҳмида, дар хотир нигоҳ дорад.

Пас аз он ки кӯдакон мафҳум, қонуну қоидаҳоро донистаанд, образҳои ҳиссиётӣ чун чизҳои нодаркор фаромӯш мешаванд ва ҷои онҳоро донишҳои ратсионалӣ - мантиқӣ ишғол менамоянд. Хуллас, ба эътибор гирифтани ҳиссиёти маърифаткунии кӯдакон имкон медиҳад, ки таълим бомуваффақият пеш бурда шавад.

Барои инкишофи нутқи шифоҳии кӯдакон расмҳо аҳамияти калон доранд. Ҳар як расм як мазмуни муайянро дарбар мегирад. Кӯдакон аз рӯйи расмҳо бо калимаҳои нав, манзараҳои табиат ва ё тасвири ягон ҳодисаю воқеа шинос мешаванд. Расмҳои зебо ва ранга ҳисси зебоипарастии кӯдаконро бедор менамояд.

Дар солҳои охир асарҳое, ки барои кӯдакон чоп мешаванд, расмҳои ранга дошта, ба мазмуни шеър, ҳикоя ва ё афсона мувофиқат мекунанд, ки ин талаботи айём аст.

Мақсади асосии шиносоии кӯдакон бо расмҳо бедор намудани ҳиссиёти воқеӣ, меҳру муҳаббат нисбат ба зебоӣ меҳру муҳаббати кӯдакон ба санъат, адабиёт зиёд карда мешавад ва дар онҳо ҳисси дӯст доштани зебоӣ парвариш меёбад. Мақсади асосии шинос намудани кӯдакон бо расмҳо боз ҳам инкишоф додани нутқи шифоҳии онҳост.

Ба воситаҳои техникии замонавӣ - кино, телевизион, проектор, диапозитив, кодоскоп, компютерҳо ва ғайра бояд лаҳзаву ҳолатхо, ҳодисаю алоқамандии чизҳо дар сатҳи баланд намоиш дода шавад. Истифода аз воситаҳои техникии замонавӣ доираи назар ва тасаввуроти кӯдаконро вусъат бахшида, онҳоро наздик бо маърифати техникӣ мегардонад.

Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи аёният, воситаҳои навини таълим раванди ворид гардидани таҳсилоти Тоҷикистонро ба фазои ҷаҳонии таҳсилот метавонад тезонад. Дигар он ки истифодаи аёният метавонад ба донишу малака ва маҳорати хонанда таъсир расонида, сифати таълимро баланд бардорад.

*Муҳаррам НАБИЕВА,*
*мураббияи кӯдакистони №5-и шаҳри Гулистон*

САЁҲАТ

# Сайри мавзеъҳои таърихӣ

Бо мақсади ҳарчи бештар омӯхтани таърихи гузаштаи худ кормандони Раёсати маорифи вилояти Хатлон бо ёдгориҳои таърихии ноҳияи Балҷувон шинос шуданд.

Онҳо зимни боздид маконҳои таърихии “Қалъаи Балҷувон”, “Оромгоҳи ҳазрати Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ”, инчунин, корхонаи коркарди сангҳои ороишии “Элеганти Балҷувон” ва Осорхонаи таърихию кишваршиносии ноҳияи Балҷувонро тамошо карда, маълумоти худро зиёд намуданд.

Ноҳияи Балҷувон аз ҷумлаи мавзеъҳои бостонии кишварамон буда, дорои таърихи қадима, имкониятҳои табииву истироҳатӣ, расму оини хосаи меҳмоннавозӣ ва захираҳои бузурги сайёҳӣ мебошад.

*С.АЗИЗӢ, «Омӯзгор»*

АЗ ТАҶРИБА

# Сарчашмаи ҳаёт

*Дар фарҳанги тоҷикон оила ниҳоди муқаддас ба шумор меравад, зеро маҳз дар оила инсон аз беҳтарин арзишҳои ахлоқӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, меҳнатдӯстиву ватанпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва якдигарфаҳмӣ бархӯрдор мешавад ва ин омилҳоро минбаъд сармашқи ҳаёти хеш мекунад.*

Дуруст аст, ки агар волидайн бофарҳангу соҳибмаълумот бошанд, ин ба тарбияти фарзандон таъсири мусбат мерасонад, лекин фикр мекунам, ки ин кам аст. Кӯдак ҳама вақт ба таваҷҷуҳ ва меҳрубонии падару модар эҳтиёҷманд аст. Агар падару ҳамеша ба кори худ банд бошанд, фарзанд тадриҷан аз меҳру муҳаббати волидон дар канор мемонад, ҷойи онро падидаҳои номатлуб мегирад. Аз ин рӯ, волидайн бояд ба ҳар шугле, ки машғул нашаванд, диққати асосиашон ба фарзанд бояд равона гардад. Онҳо вазифадоранд, ки бо фарзандони хеш суҳбат кунанд, бо онҳо ба сайру гашт бароманд аз майлу рағбати онҳо пурсон шаванд, дар интихоби касб кумакашон кунанд.

Ман дар мактаб-интернати ҷумҳуриявии ноҳияи Рӯшон фаъолият дорам. Хонандагон бо сабабҳои номусоид будани вазъияти оилавӣ дар ин муассисаи таълимӣ таҳсил мекунанд. Яке модарашро аз кӯдакӣ надида бошад ҳам, рӯҳафтода намешавад ва барои таҳсили хуб кӯшиши зиёде ба харҷ медиҳад, интизоми намунавӣ дорад. Дувумин бо тарк кардани падар оиларо, маъно ва мақсади ҳаётро гум карда, одамгурезу дар хониш камҳавсала гардидааст. Аз ин рӯ, кор бо ин хонандагон душвор аст, бинобар ин, муаллимон ва мураббияҳо ҷойи волидайнро иваз намуда, бо онҳо самимона рафтор мекунанд.

Ҳадаф ва моҳияти дарсҳои тарбиявӣ низ дар он аст, ки омӯзгор наврасонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсонпарварӣ, ба қадри якдигар расидан ва ғайра тарбият намояд. Барои як намуна дарси тарбиявиро, ки ба мавзуи “Оила-асоси ҷомеа” бахшида шудааст, дар синфи 11 пешкаши ҳамкасбон менамоем.

Баъд аз муқаддимаи кӯтоҳ, яъне маълумот дар бораи оилаи солим,эҳтироми волидайн, ҳурмати тарафайни ҳар узви хонавода ба шогирдон якчанд вазъиятро пешкаш мекунам ва онҳоро бо шогирдон таҳлил мекунем. Албатта, хонандагон ба саволҳои дар мадди аввал осон, лек дар асл мушкил, бе мадади омӯзгор дар посух гуфтан ба мушкилӣ дучор мешаванд, аз ин рӯ, муаллимро зарур аст, ки дар ин масъала онҳоро раҳнамоӣ кунад.

**Вазъияти 1**

Самандар побанди бозиҳои компютерӣ гаштааст. Волидайн бо роҳи панду насиҳат натавонистанд, ки ӯро аз ин амали зарарнок бозоранд. Маслиҳати шумо ба онҳо чӣ гуна хоҳад буд?

**НАМУНАИ БАҲС**

**Асалбегим:** Компютерро фурӯшанд, ё пинҳон кунанд.

**Гулбаҳор:** Дар ин сурат шояд ба корҳои дигари ношоям даст занад.

**Ёдгор:** Ӯро ба корҳои хона ҷалб кунанд.

**Хуррам:** Бо кумаки муаллимон ба машғулиятҳои фикрӣ ва ҷисмонӣ ҷалб карда шавад.

**Аниса:** Волидонро зарур аст, ки ба фарзанд вақти зиёд ҷудо кунанд, баъзан ба тамошо ва сайру гашт бароянд.

**Авазбек:** Дар якҷояги филми ба аҳли оила аҷоибро тамошо кунанд.

**Вазъияти 2**

Вафо бо волидайнаш аз шаҳр ба деҳа кӯчиданд. Азбаски Вафо ҳаёти деҳаро намеписандад, аз дарсҳо мегурезад, агар иштарок кунад ҳам, нисбат ба шарикдарсон ва муаллимон беэҳтиромӣ мекунад. Суҳбати муаллимон ва волидайн ягон натиҷа надод. Шумо дар ин ҳолат чӣ кор мекардед?

**Маърифат:** Ба фарзанди худ дар бораи манфиати ҳаёти деҳаро суҳбат гузаронидан лозим.

**Амирбек:** Бо баҳонае ӯро ба сайри боғ бурда, аз ҳавои тозаю форам нафас гиранд.

**Шоҳрух:** Ба ӯ имконият диҳанд, то дарк кунад, ки кумаки вай ба падару модараш зарур аст ва онҳо нametавонанд бе кумаки ӯ кореро анҷом бидиҳанд.

Инчунин, бо хонандагон аз рӯйи саволҳои зер баҳс мекунем:

- Таъсири манфии муҳоҷирати меҳнатӣ ба тарбияти кӯдак.
- Зери мафҳуми оилаи солим шумо чиро дар назар доред?
- Меҳоҳед, ки дар оянда оилаи калон барпо намоед?
- Ба фарзанди худ имконият медиҳед, ки бо дӯстдоштаи худ хонадор шавад?
- Хонандагони синфҳои болоӣ бештар ба таваҷҷуҳи ҳамешагии волидайнашон муҳтоҷанд, бинобар ин, аъзоёни калонсоли оила бояд кӯшиш кунанд, то тамоми неру ва вақти пуркиматашонро ба таълиму тарбияи фарзандон сарф кунанд. Муаллимон донишу ҳиради хешро аз шогирдонашон дареғ надоранд, зеро вазифаи аввалиндараҷаи онҳо ба воя расонидани насли солим аст.

*Гулнамо МАМАДГАМИНОВА,*
*омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшони ВМКБ*

РОБИТА

# Масъулияти роҳбари синф

Муаллимони синфҳои ибтидоӣ бо оилаи хонандагон алоқаи доимӣ доранд. Падару модарони хонандагони хурдсол ба он ҳавасманданд, ки фарзандони онҳо чӣ хел меҳонанд, дар мактаб чӣ хел рафтор мекунанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки бо муаллимон тез-тез вохӯранд.

Аз синфи V сар карда, алоқаи мактаб бо оилаи хонандагон асосан ба воситаи роҳбарони синф ба ҷой оварда мешавад. Албатта, ҳар як муаллим то як андоза бо оилаи хонандагон алоқа дорад, вале ин алоқа бештар хусусияти эпизодӣ пайдо мекунад. Роҳбари синф бошад, бо падару модарони хонандагон муттасил дар иртибот аст.

Ин алоқа, пеш аз ҳама, барои аз тарафи мактаб ва оммаи хонандагон таъмин намудани таъсири ягонаи тарбиявии онҳо зарур аст. Роҳбари синф бо падару модарон вохӯрда, онҳоро бо талаботи мактаб шинос менамояд, дар бораи методу усулҳои ба хонандагон таъсир расонидан маслиҳат мекунад. Алоқаи зич бо оила барои ба тарбия ва таълими кӯдакон ҷалб намудани падару модарон мадад мерасонад.

Алоқаи зичу доимии роҳбари синф бо падару модарони хонандагон ба ӯ имконият медиҳад, ки таҷрибаи тарбияро дар оилаи муваффақ омӯхта, онро дар дигар оилаҳо паҳн кунад. Масалан, ҳангоми ба оилаи яке аз хонандагон рафтан муқаррар гардид, ки падару модари хонанда ба вай дар тайёр намудани вазифаҳои хонагӣ ёрӣ медиҳанд, ба вай супоришҳои доимӣ ва мувaққатӣ дода, иҷрои онҳоро тафтиш карда меистанд. Дар маҷлиси навбатӣ инро ба ҳамаи падару модарон нақл кардан мумкин аст. Баъзан аз падару модарон хоҳиш кардан мумкин аст, ки дар бораи тарбияи кӯдак дар оила таҷриба иваз кунанд.

Дар оила ва мактаб бо падару модарон вохӯрда ин вохӯриҳоро барои дар байни падару модарон паҳн кардани донишҳои педагогӣ истифода бурдан мумкин аст.

Барои он ки кор бо падару модарон натиҷа бахшад, шаклҳои гуногуни алоқаро истифода кардан лозим аст. Дар таҷрибаи кории баъзе мактабҳо чунин алоқа бо он анҷом меёбад, ки гоҳо дар охири рейтингу марҳилаҳои (чорякҳо ва нимсолаҳо) таълимӣ доир ба ҷамъбасти як давраи омӯзиш маҷлиси падару модарон гузаронида шуда, ба он падару модарони хонандагони кафомонда ё беинтизом даъват карда мешаванд.

Мутаассифона, имрӯзҳо маҷлисҳои падару модарон нисбат ба маҷлисҳои қаблӣ дар баъзе мактабҳо сифати худро гум кардаанд ва на ҳама омӯзгорон – роҳбарони синф аз имконияти ҳамкорӣ бо волидон истифода мебаранд. Барои рух додани чунин ҳолатҳо вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва моливии оилаҳо низ таъсири калони худро мерасонад, зеро аксарияти падарон ё шахсони онҳоро ивазкунанда барои таъмини ризқу рӯзии оила ба кори бардавом банд буда, вақти холӣ надоранд. Албатта, чунин ҳолат ба тарбияи хонандагон таъсири манфӣ расонида барои тарбия, таълим ва маърифати хуб гирифтани онҳо монеаҳо эҷод менамояд.

*Бегмуҳаммад ШОДИЕВ,*
*омӯзгори математикаи литсейи №3, роҳбари иттиҳодияи методии муаллимони математикаи ноҳияи Исмоили Сомонӣ*

Иқтидори сайёҳии Тоҷикистон дар Намоишгоҳи байналмилалии «Riyadh Travel Fair-2022» дар Арабистони Саудӣ муаррифӣ шуд.

*Агар илму дониш натвонист башарро боақлтар кунад, аблаҳу худхоҳ карданаш ногузир аст.* **Ҷозеф Аддисон**

«Омӯзгор» № 21, 26 майи соли 2022

**БА ТАВАҶҶУҲИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ВИЛОЯТИ СУҒД**

# Камбудиҳо бояд бартараф шаванд

***21-уми майи соли ҷорӣ дар муассисаи таълимии байналмилалии "Контакт"-и шаҳри Исфара таҳти раёсати вазири маориф ва илм Саидзода Раҳим Ҳамро ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд" баргузор гардид. Дар он муовинони вазири маориф ва илм, сардорону кормандони раёсат, шуъбаю бахши дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, муовини раиси вилояти Суғд Зайнура Азимӣ, раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулхия Нозакзода, муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо, сардорону мудирон ва кормандони раёсат, шуъба ва бахшҳои маориф, мудирон ва директорони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳо, директорон ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии вилоят иштирок карданд.***



Дар ҷаласа вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон, Конибодом, Исфара, Истиқлол, Спитамен, Ҷаббор Расулов, Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ, Ашти вилояти Суғд бо пешниҳод гардидани гузоришҳои муфассал аз ҷониби роҳбарони гурӯҳҳои корӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Зимни баррасии масъалаҳо дар баробари муаррифии дастовардҳо, бештар ба мушкилоти ҷойдошта таваҷҷуҳ шуда, зикр гардид, ки дар вилояти Суғд 283 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият намуда, дар онҳо 43 ҳазору 112 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Ғайр аз ин, 661 гурӯҳи марказҳои инкишофи кӯдак бо фарогирии 14 ҳазору 205 нафар кӯдаки 6-сола фаъолият мекунанд. Фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии вилоят 15,2% ва бо дарназардошти фарогирӣ дар марказҳои инкишофи кӯдак 20,1 фоизро ташкил медиҳад.

Санҷиш нишон дод, ки фарогирӣ, дар маҷмуъ, дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон, Истиқлол ва Бобоҷон Ғафуров нисбатан беҳтар буда, дар шаҳру ноҳияҳои Мастчоҳ, Ашт, Исфара ва Конибодом беҳбудӣ мехоҳад.

Бо мақсади бештар намудани фарогирӣ ба таълиму тарбияи томактабӣ ва беҳтар намудани сифати он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” қабул гардид. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки қарори мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба таври зарурӣ амалӣ намегардад. Зеро аз 72 муассисаи томактабии банақшагирифташуда дар муддати 2,5 сол 19 муассиса сохта шудааст, ки он 26,4 фоизро ташкил медиҳад. Иҷрои барнома дар шаҳру ноҳияҳои Исфара (75%), Хуҷанд (50%), Мастчоҳ (40%), Ашт (25%) ва Панҷакент (16,7%)-ро ташкил дода, дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят умуман иҷро нагардидааст.



Яке аз мушкилиҳои дигари самти томактабӣ дар вилоят ғайри мақсад истифода гардидани бинои муассисаҳои томактабӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд дар давоми 5 соли охир 23 муассисаи ғайримақсад истифодашаванда барқарор шуда бошад ҳам, ҳанӯз 23 муассисаи дигар ғайри мақсад истифода мегардад, ки монеа барои бештар фаро гирифтани кӯдакон гардидааст. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол 1, Конибодом 1, Бобоҷон Ғафуров 2, Спитамен 2, Исфара 2, Ашт 3, Хуҷанд 4, Гулистон 4 ва Зафаробод 4 муассиса ғайри мақсад истифода мегардад ва ё ба барқароршавӣ ниёз дорад.

Масъалаи дигаре, ки дар самти таҳсилоти томактабӣ бояд аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад, тибқи талабот ҷудо гардидани маблағ барои тарбиятгирандагон мебошад. Мутаассифона, аз таҳлилҳо бармеояд, ки танҳо дар шаҳри Бӯстон маблағ тибқи талабот ҷудо гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Хуҷанд, Гулистон, Исфара ва Бобоҷон Ғафуров 20-50 дирам барои се вақт хӯрок ҷудо гардад, дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Ашт, Ҷаббор Расулов, Спитамен ва Мастчоҳ умуман маблағ ҷудо намегардад. Маҳз ин сабаб гардидааст, ки танҳо аз ҳисоби маблағҳои падару модарон ғизо дода мешавад, ки он нокифоя мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки барои низоми таҳсилоти томактабӣ ҳалталаб боқӣ мемонад, бо кадрҳои ихтисосманд таъмин набудани муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдак мебошад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки аз 4504 нафар мутахассиси соҳаи томактабӣ, 1424 нафар ё 31,7 % дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошад. Ин нишондиҳанда бештар ба шаҳру ноҳияҳои Ҷ. Расулов 82 ва Ашт 52 нафар рост меояд.

Масъалаи дигаре, ки ҳангоми санҷиш ба он таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд, таҳкими пояи моддӣ-техникии муассисаҳо мебошад. Аз ҷумла, дар муассисаҳои томактабии шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд (№1, 3, 16, 28, 35), Бӯстон (№4), Гулистон (№1, 3), Бобоҷон Ғафуров (№1, 8, 5, 14, 19), Спитамен (№7, 17), Ҷаббор Расулов (№4, 6), Исфара (№20, 31) катҳои хоб ва ҷевонҳо барои либоси кӯдакон харидорӣ шудааст. Аммо дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Конибодом, Мастчоҳ ба ин масъала бояд таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Мушкилоти дигаре, ки дар муассисаҳои томактабии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба назар мерасад, риоя нагардидани талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба синну сол ҷойгир намудани кӯдакон дар гурӯҳҳои омодагӣ ва мактаб мебошад. Яъне, дар баробари хонандагони синни 7-сола кӯдакони 5-6-сола низ фаро гирифта шуда, дар оянда даъвои ба синфи якум рафтанро пеш меоранд ва ин ҳолат дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо мушоҳида гардид.

Аммо ин ҳолат дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии №11-и шаҳри Конибодом, № 13 ва № 25-и шаҳри Исфара ва № 5-и ноҳияи Ҷаббор Расулов ба назар намерасад ва ба хилофи зебопарастии кӯдакон аст. Гарчанде давраи солимгардонӣ наздик шуда бошанд ҳам, кӯдакистонҳои дар боло зикршуда, барои гузаронидани мавсими солимгардонӣ омода нестанд. Дар рафти машғулияти расмкашӣ муайян гардид, мизе, ки барои 4 кӯдак муқаррар карда шудааст, дар кӯдакистонҳои мазкур 8 нафар кӯдак истифода мебаранд, ки ин барои беҳтар шудани таълиму тарбия таъсири манфӣ мерасонад.

Гарчанде дар вилоят 64 муассисаи типи нав фаъолият намоянд ҳам, нишондиҳандаҳои на ҳамаи онҳо тибқи талабот мебошад, ки иштироки онҳо дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ин дарак медиҳад.

Тибқи дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади дарёфти хонандагони болаёқат ва рушди истеъдоди онҳо бояд дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят муассисаҳои таълимии типи нав таъсис дода шавад ва ин масъала дар шаҳри Истиқлол ҳалношуда боқӣ мондааст.

Дар вилоят 31 муассисаи таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ) фаъолият менамояд. Аз ҷумла, 27 муассиса ба шаҳру ноҳияҳои санҷидашудаи Хуҷанд (15), Бӯстон (3), Бобоҷон Ғафуров (5), Спитамен (2), Исфара (2), Ашт (1) ва Конибодом (1) рост меояд.



Санҷиш нишон дод, ки талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020» дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Конибодом, Гулистон, Ҷаббор Расулов, Ашт умуман иҷро нагардид, ки аз фаъолияти сусти масъулин дар самти ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб гардида, он ба раванди бомаром ва муваффақонаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон зич алоқаманд аст.

Дар натиҷаи санҷиш маълум гардид, ки фарогирӣ ба зинаи сеюми таҳсил дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол 49,5% ва Мастчоҳ 68,8%-ро ташвишовар мебошад.

Бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои ихтисосманд 1099 нафар мутахассиси ҷавон тибқи роҳхат фиристода шуда, 845 нафар ба ҷойи кор ҳозир шуданд, ки 76,8%-ро ташкил медиҳад. Илова бар ин, зиёда аз 635 нафар мутахассиси ҷавон аз ҳисоби муҳассилини гурӯҳҳои гоибона ва шартномавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба кор ҷалб карда шудаанд.

Ҳарчанд ба 67 нафар мутахассиси ҷавон қарзҳои имтиёзнок ва ба 22 нафар қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо шуда бошад ҳам, ин фоизи ниҳоят паст мебошад.

Соли таҳсили 2020-2021 34423 хонанда муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоятро хатм намудааст. Бо дарназардошти хатмкунандагони солҳои пешин 20057 нафар тариқи Маркази миллии тестӣ, 284 нафар тариқи квотаи президентӣ, 1575 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти олии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва 102 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи дур дохил шудаанд. Дар умум, соли таҳсили 2021-2022 шумораи дохилшудагон ба муассисаҳои олии касбии дохилу хориҷи кишвар аз вилояти Суғд 22 018 нафарро ташкил дода, ба 63,9% баробар мебошад.

Натиҷаи ҷамъбасти чоряки сеюм нишон дод, ки аз 500 306 нафар шумораи умумии хонандагони синфҳои 2-11 ҳамагӣ 499 275 нафар баҳо гирифтанд. Аз ҷумла бо баҳои “5” -75 051 нафар, бо баҳои “4”- 171 019 нафар, бо баҳои “32 - 252 329 нафар ва бо баҳои “2”-876 нафар хонандагон чоряки сеюмро ҷамъбаст намудаанд.

Сатҳу сифати таҳсилот 49,3% ва натиҷаи азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳо 99,8%-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда сифати таҳсилот 30,4% ва натиҷаи

**Ба пешвози 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Ёвон 34 коргоҳу корхонаи нави саноатӣ ва 50 иншооти соҳаи тандурустӣ бунёд мегардад.**

азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳо 72,1%-ро ташкил дода, дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Истиқлол ва Ҷаббор Расулов нисбатан паст мебошад.

Дастовардҳои хонандагони шаҳру ноҳияҳои санҷидашудаи вилояти Суғд дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ назаррас буда, дар соли 2021 соҳиби 414 ҷойи ифтихорӣ гардида, дар маҷмуъ, вилоят пас аз шаҳри Душанбе дар ҷойи дуюм қарор дорад.

Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" аз 29.09.2017, №443 соли 2022 муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимии шаҳру ноҳияҳои санҷидашудаи вилоят бояд 1943 компютер ва 146 тахтаи электронӣ харидорӣ менамуданд. Аммо давоми соли семоҳаи аввали 2022 217 компютер ва 47 адад тахтаи электронӣ харидорӣ карда шуд, ки таносубан 11,1 ва 21,6% нақшаи солонаро ташкил медиҳад. Мавриди зикр аст, ки ба истисноли шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон ва Гулистон нақшаи харидорӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда иҷро нагардид.

Айни ҳол дар муассисаҳои таълимии вилоят 1133 синфхонаи компютерӣ, 20 194 компютер, 2928 адад принтер, 1074 проектор мавҷуд буда, 748 тахтаи электронӣ мавриди истифода қарор доранд.

Тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №114 «Дар бораи Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» дар соли 2021 дар вилояти Суғд аз 713 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ 293 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ харидорӣ шудааст, ки 41,1%-ро ташкил медиҳад.

Дар соли 2021 аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, соҳибкорону шахсони эҳсонкор ва суратҳисоби махсуси муассисаҳои таълимӣ 8318 ҷуфт мизу курсӣ харидорӣ гардида, эҳтиёҷоти муассисаҳо барои мизу курсӣ дар соли таҳсили 2021-2022 ба 13 158 ҷуфт боқӣ мондааст.

Ҳарчанд ки дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз тарафи мақомоти иҷроияи хокимияти давлатӣ, соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва раисони маҳаллаҳо синфхонаҳои иловагӣ сохта ба истифода дода шуда ва иқдоми мазкур идома дошта бошад ҳам, то ҳол дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 8 муассисаи таълимии себаста фаъолият дошта, дар он 7122 хонанда (3540 духтар) таҳсил карда истодааст. Аз ҷумла, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов муассисаҳои таълимии №№ 15, 17, 21 бо фарогирии 3307 хонанда (1681 духтар) ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамзамон, бо истифода аз иштироки муовини раиси вилоят ва муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо вазири маориф ва илм Р.Саидзода даъват ба амал овард, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда, ки аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояту шаҳру ноҳияҳо вобаста аст, тадбирҳои саривақтию мушаххас роҳандозӣ карда шавад.

Дар охир ба сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон, Конибодом, Исфара, Истиқлол, Спитамен, Ҷаббор Расулов, Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ, Ашти вилояти Суғд дастур дода шуд, ки проблемаву мушкилот ва камбудиҳои зимни санҷиш аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ ошкоргардида дар кутоҳтарин мӯҳлат бартараф карда шуда, аз натиҷааш ба Вазорати маориф ва илм маълумот манзур карда шавад.

***Эҳсони ХУШБАХТ,***
***Бахтовар САФАРОВ,***
***Душанбе-Исфара-Душанбе***

**ҲАФТАИ ВАЗОРАТ**

# Ҷаласаи Шурои ректорон баргузор шуд

***Дар толори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он муовинони вазири маориф ва илм ва аъзои шуроректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар иштирок намуданд.***

Нахуст вазири маориф ва илм таваҷҷуҳи иштирокдоронро ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омодасозии мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ҷалб намуда, дар идома, дар қатори дигар проблемаву мушкилоти ҷойдошта, аз ҷумла зикр кард, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз мушкилот - ба таври зарурӣ риоя нагардидани Низомномаи низоми кредитии таҳсилот мебошад. Масалан, дар баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳангоми баргузории аттестатсияи хатм мушоҳида карда шуд, ки холи умумии миёна (GPA)–и донишҷӯ дар даври таҳсил, ки набояд аз 1,85-ро ташкил диҳад, бароварда намешавад. Ҳол он ки тибқи банди 59 Низомномаи мазкур ҳангоми паст будани холи умумии миёна (GPA)–и донишҷӯ фармоиши аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯ бояд ба тасвиб расонида нашавад. Бе баровардани холи умумии миёна ва нишон додани он дар ҳуҷҷати таҳсилот донишҷӯ дар хориҷи кишвар имкони идома додани таҳсилро аз даст медиҳад.

Масъалаи дигар, иҷрои талаботи банди 79 Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки тибқи он имтиҳонҳои ниҳоӣ бояд, ки дар шаклҳои шифоҳӣ, хаттӣ, омехта ва тестӣ ба роҳ монда шаванд.

- Имрӯзҳо дар воситаҳои ахбори омма ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сару садоҳо нисбати барҳам додани низоми кредитии таҳсилот ва ба низоми анъанавӣ гузаронидани таҳсилот зиёд дида мешавад,-зикр кард вазир. - Бори дигар такрор мекунам ва худи шумо низ медонед, ки ба таври шифоҳӣ, хаттӣ ва эҷодӣ қабул намудани имтиҳонҳои ҷорӣ яке аз талаботҳои низоми кредитии таҳсилот ба ҳисоб меравад. Тартиби қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта таҳия, тасдиқ, муаррифӣ ва дастраси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардонида шудааст.

Масъалаи дигар, мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои зинаи таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи имрӯзаи маорифи миллӣ, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Вазорати маориф ва илм ба ҳисоб меравад, мебошад.

Дар ин самт гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони муассисаҳои таълимӣ таъсис дода шудааст. Дар назар дошта шудааст, ки то охири сол ба зиёда аз 50 санади меъёрӣ тағйиру иловаҳо ворид карда, аз нав таҷдиди назар карда шаванд.



Пешбурди раванди таълим дар низоми таҳсилоти фосилавӣ низ яке аз масъалаҳои муҳим дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳои солҳои охир нишон дода истодааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбурди раванди таълим дар таҳсилоти фосилавӣ қаноаткунанда нест. Низоми мазкур таҷдиду азнавсозиро талаб мекунад.

Бинобар ин, дастур дода мешавад, ки намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таҳияи санадҳои меъёрии соҳа фаъолона ширкат намоянд.

Дар идома, гузориши ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ Қудрат Давлатзода оид ба "Ҷараёни иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 31 январи соли 2020, №1445 «Дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040 дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ", гузориши директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзозода Раҳмоналӣ Раҷаб оид ба "Доир ба вазъи таҳия ва тасдиқи барномаҳои таҳсилотӣ, нақша ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ", гузориши ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Муҳриддин Низомӣ оид ба "Вазъи таълим дар ихтисосҳои эҷодии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода: ҳолат ва дурнамо" шунида шуд.

Инчунин, дар масъалаҳои ҷорӣ низ як қатор масъалаҳои марбут ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, қарорҳои дахлдор қабул гардид.

# Қабули сайёри шаҳрвандон дар Исфара

***21-уми майи соли ҷорӣ дар Муассисаи таълимии байналмилалии "Контакт"-и шаҳри Исфара барои истиқоматкунандагони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд қабули сайёри шаҳрвандон аз ҷониби вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода баргузор гардид, ки дар он, инчунин, муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказию роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, муовинони раисони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.***

Зимни қабул беш аз 20 нафар иштирок намуда, истиқоматкунандагон, асосан, доир ба пешниҳод ба мукофотҳои соҳавию давлатӣ, таваҷҷуҳ ба омодасозии кадрҳои ҷавон, дар ҳолатҳои истисноӣ пеш аз муҳлат ба роҳ мондани аттестатсияи хатм дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар доираи маблағҳои ҷудошуда харидорӣ намудани компютерҳо ва таҷҳизоти муосири таълимӣ, аз ҷониби муаллифони китобҳои дарсӣ таҳия гардидани дафтарҳои корӣ, пешгирӣ аз санҷишҳои бемавриду ғайринақшавӣ аз ҷониби идораву сохторҳои ғайрисоҳавӣ, сохтмони биноҳои иловагии таълимӣ дар назди муассисаҳо, аз тавозуни як сохтор ба сохтори дигар гузаронидани биноҳои муассисаҳои таълимӣ, таҳияи барномаи алоҳида дар самти таҷрибаивазкунии омӯзгорони ҷавон дар дохили кишвар, табдили мақоми муассисаи таълимӣ, барои истифодаи умум ба муассисаҳои таълимӣ вобаста намудани китобхонаҳои марказии шаҳру ноҳияҳо, бо барномаҳои таълимӣ мувофиқа намудани китобҳои дарсӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, омода намудани омӯзгорони фанҳои табиатшиносию дақиқ бо забони русӣ, ҷудо намудани квотаҳои иловагӣ барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дастрасии омӯзгорони ҷавон ба имтиёзҳои муқарраршуда ва чанде дигар дархост ва таклифу пешниҳодоти худро манзур намуданд.




Дар рафти баррасии муроҷиатҳо вазири маориф ва илм Р.Саидзода ба масъулин ҷиҳати ҳаллу фасли саривақтии онҳо ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дод. Инчунин, бо истифода аз иштироки муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо вазири маориф ва илм даъват ба амал овард, ки ҷиҳати таъмини саривақтии дархосту пешниҳодоти шаҳрвандон, ки ба мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вобаста аст, мусоидат намоянд.

***Маркази матбуоти***
***Вазорати маориф ва илм***

**Дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ таҳти унвони «Ҷовидон бод ҷавонӣ ва ҷавонон!» барномаи фарҳангӣ баргузор шуд.**

*Ҳамӯшӣ гоҳе гӯётару пурмаънитар аз тарзабониву андарзхонӣ аст ва бештар аз ақли даррок мегӯяд.* Ҷозеф Аддисон

«Омӯзгор» № 21, 26 майи соли 2022

МУЛОҲИЗА

# Муносибати босалоҳият хуб аст, агар...

**Дар раванди роҳандозии низоми босалоҳият ҳамагон бояд фаҳманд, ки назарияи умумӣ ва махсусияти мавҷуда оид ба таҳсилоти босалоҳият пурра муҳокима ва баррасӣ гардад, дастрас намудани намунаҳои китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, стандарту силлабусҳои ба талаботи муносибати босалоҳият мансуб, ки дар кишварҳои дигар таҳия шудаанд, истифода гарданд.**

Ташкил ва гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ, мизҳои мудаввар барои мураттибони ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии ин низоми таҳсилот;

Стандартҳои тахассусӣ дар тамоми ихтисосҳои дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Тоҷикистон амалкунанда мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият омода гардонида мешаванд.

Таҳия ва тасдиқи силлабусҳо (барномаҳои таълимӣ) мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият аз тамоми фанҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таълим дода мешаванд, дар чунин шакл бояд сурат гирад: дурустӣ ё нодурустии таҳияи силлабусҳо (барномаҳои таълимӣ) бо нишондоди салоҳиятҳои умумифаннӣ аз рӯи тамоми фанҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таълим дода мешаванд аз фаъолияти раёсат (шуъба)-и таълимии муассисаҳо, кафедраҳо ва иттиҳодияи методӣ вобаста мебошад;

- тасдиқи силлабусҳо (барномаҳои таълимӣ) аз рӯи тамоми фанҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таълим дода мешаванд, мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият дар сатҳи муассисаҳо амалӣ гардонида мешавад.

Меъёрҳои арзёбии салоҳиятҳои донишҷӯён дар асоси талаботҳои умумӣ (касбӣ) ва меъёрҳои махсус (фаннӣ) ва мавзӯӣ амалӣ мегардад. Мутаассифона, ки нарасидани онҳо ҳар чи бештар ҳис карда мешавад. Китобҳои дарсӣ бояд дар мутобиқат бо талаботи таҳсилоти босалоҳият барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ омода гарданд.

Бахри самаранок ба роҳ мондани таҳсилоти салоҳиятнок дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани ҳайати роҳбарият ва устодону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилот манфиатовар аст.



Дар суҳбати расмию касбӣ мо ифодаи "шахсияти салоҳиятнок"-ро истифода мебарем ва дар ин маврид медонем, ки имкониятҳои як шахсро дар ягон самти мушаххаси фаъолият мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор диҳем. Мо медонем, ки вазифаи фанни таълимӣ дар баробари инкишоф ва рушди системаи донишу малака ва маҳорати фанни таълимӣ ривоҷ додани малакаву маҳорати умумифаннӣ низ мебошад. Дар баъзе сарчашмаҳо силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода мешавад. Мисол, дар бораи ташаккули салоҳияти фаннӣ, ки муҳаққиқон ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ, салоҳиятҳои фарҳангӣ ва ғайраҳо ҷудо мекунанд, дарк менамоем, ки салоҳиятҳо дорои чунин намудҳо мебошанд:

1.Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ, Намудҳои асосии салоҳиятнокӣ инҳоянд: (таҳлили ақида ва муносибати байни ақидавӣ, таҷриба ё маводи табиӣ ва сунъӣ), маърифатӣ-эҷодӣ (пайдо намудани ақидаҳо, фарзияҳо ва пешниҳодоти нав),

маърифатӣ-таҳқиқӣ (тавоноии таҳлил ва баҳодиҳӣ намудан ба ашёҳо, ҳодисаҳо, таҷрибаҳо, ақидаҳо, назарияҳо, вазъиятҳо ва падидаҳои дигар),

худшиносӣ ва мустақилияти шахсӣ (хонанда ё донишҷӯ эътироф намояд, ки фарҳанг, забон, қоидаву таҷрибаҳо ба худшиносӣ, арзишҳо ба рафтор таъсир мерасонанд), (Дарки қадр, қимати хеш ва ҳифз намудани қадру қимати дигарон (равшанфикр ва озодбаёну озодандеш будан), (ташаккули дониш вобаста ба самтҳои гуногуни маърифатӣ дарки муҳиммияти донишҳои гуногун дар ҳаёти ҳаррӯза) ва ғайра.

Салоҳиятнокӣ дар иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ ифодакунандаи эҳтироми бепоён ба ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои аҳдномавӣ, муҳайё сохтани муҳити созгор баҳри ҳалли низоъҳо дар синф, муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа мебошад.

***Хосият ҲОҶИМУРОДОВА,***
***ассистенти кафедраи педогогика ва психологияи коллеҷи омӯзгории ба номи Х.Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ***

РИСОЛАТ

# Масъулияти зиёди омӯзгор

Ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки ба ҳамаи хонандагон баробар меҳрубонию таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Самимияту меҳрубонӣ ва ғамхорӣ нисбат ба хонандагон, махсусан, барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ зарур аст. Зеро хонандагон то синфи чорум ба меҳру муҳаббат ва шафқати пайвастаи омӯзгор ниёз доранд. Дарс дар синфҳои ибтидоӣ ҳамон вақт муассир хоҳад шуд, ки дар рафти он омӯзгор ба шогирдон меҳрубонӣ кунад ва онҳоро бо навозиш таълим диҳад. Ин барои дар синфҳои болоӣ хуб таҳсил намудани онҳо замина хоҳад шуд.

Маврид ба ёдоварист, ки баъзан омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба ин нукта саҳлангорӣ менамоянд, ки ин хатои маҳз аст.

Дар шароити такмили сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷустани роҳҳои самарабахши таълим ногузир аст. Дар ин самт ба истифода омода намудани тарзу усулҳои нави гузаронидани дарс ва аз ҷумла, самаранок истифодабарии дарсҳои ғайрианъанавӣ аҳамияти бештаре касб менамояд.

Боиси хурсандист, ки аз афзалиятҳои дидактикии дарсҳои ғайрианъанавӣ қариб муаллимони ҳамаи соҳаҳои фанҳои таълимӣ, аз ҷумла, фанҳои табиатшиносӣ, математика, адабиёт, забони модарӣ ва ғайра истифода мебаранд. Яъне, муаллимон гуфтаи Блез Паскал: "Фанни таълимӣ (математика) чунон ҷиддиятро талаб мекунад, ки ҳатто барои каме шавқовар гузаштани он бояд ҳеҷ гуна имкониятро аз даст надиҳем"-ро дар ин масъала сармашқи кори худ мекунанд.

Барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон муаллимонро лозим аст, ки аз бозиҳои дидактикӣ, масъалаҳои шавқовар, ребусҳо ва ғайра самаранок истифода баранд, зеро хонандагони синни хурди муассисаҳо ба чунин бозиҳои математикӣ бештар майл доранд. Барои шавқовар гузаронидани ҳар як дарс омӯзгоронро лозим аст, ки низоми салоҳиятнокиро бештар истифода баранд.

***Фарзона НАБИЕВА,***
***омӯзгори МТМУ №115-и ноҳияи Сино***

ҲАМБАСТАГӢ

# Ҳамкорӣ моро ба мақсад мерасонад

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" аз 6 боб ва 17 модда иборат буда, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод ва қабул гардидааст.

Ҳадаф аз қабули қонуни мазкур, пешгирии ҷинояткорӣ дар байни наврасон ва баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия ва ҳисси масъулияти волидон мебошад.

Бояд эътироф намуд, ки танҳо ба муассисаи таълимӣ ва омӯзгор ҳавола намудани тарбияи фарзандон иштибоҳи калон аст.

То қабул шудани қонуни мазкур волидон аз ҳар гуна масъулият озод буданд.

Аксар падару модарон ҳатто намедонистанд, ки фарзандони онҳо ба мактаб мераванд, ба дарсҳо иштирок мекунанд ё не. Вақти холии худашонро дар куҷо ва бо киҳо мегузаронанд ва чӣ гуна одобу интизом ва таҳсил доранд, аз ин ҳама хабар надоштанд.

Бисёре аз наврасон то нисфи шаб ба беҳудагардӣ, ки ба тарбияи онҳо таъсири бад мерасонад, машғул шуда, барои дарс тайёр кардан вақт намеёфтанд.

Шабҳо дар кӯчаҳо оворагардии наврасон бисёр ба назар мерасид.

Таълиму тарбияи фарзанд, ки масъалаи муҳими рӯз аст, дар гузашта низ дар madди назари аҳли ҷомеа, бахусус, донишмандону хирадмандон қарор дошт.

Мақсади асосии қонуни мазкур, пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихорӣ ва ватандорӣ, арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ инчунин, ҳифзу ҳуқуқу манфиатҳои фарзандон мебошад.

Аз ин рӯ, падару модарон бояд бо муассисаи таълимӣ ҳамкории зичро ба роҳ монда, дар маҷлисҳои муассисавӣ, кумитаи падару модарон иштирок намоянд, аз натиҷаҳои дониши таълиму тарбияи фарзандонашон огоҳ бошанд.

***Зоҳира РАҲМАТОВА,***
***омӯзгори МТМУ №76, ноҳияи Фирдавсӣ***

ТАҲҚИҚ

# Пажуҳише дар шинохти шеъри Лоиқ

«Ҷустор дар шинохти шеъри Лоиқ» ном дорад рисолаи илмии Холмаҳмад Раҳимӣ, ки ба ифтихори солгарди зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон интишор гардид. Монография аз се боб иборат буда, дар боби аввали он «Вазъи адабии солҳои шастуми садаи бист ва вижагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ» муҳаққиқ қадамҳои нахустини шоирро дар ҷодаи эҷод аз он рӯзгор меҷӯяд ва таъкид бар он дорад, ки Лоиқ ҳарчанд монанди шоирони муосираш дар ҳамин гуна муҳит мезисту эҷод мекард, вале осори давраи аввали эҷодиёташ гувоҳ аст, ки ба воқеият диди хосе дошт.




«Навҷӯиҳои Лоиқ дар навъҳои шеърӣ» муҳтавои рисоларо фарогир аст. Фасли аввали он зери унвони «Шеъри нав ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Лоиқ» бештар қобили таваҷҷуҳ буда, аз баҳси шеъри нав, саромадони он дар Тоҷикистон оғоз шуда ва аз натиҷаи пажӯҳиш бармеояд, ки доир ба пайдоиш ва аввалин шеъри нав дар адабиёти тоҷик то ба имрӯз назари ягона ва собит вуҷуд надорад.

Шодравон Холмаҳмад Раҳимӣ беш аз 20 сол дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор карда, соли 2019 дар мавзуи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодиёти ӯ» рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Монографияи ӯро зери унвони «Ҷустор дар шинохти шеъри Лоиқ» раёсати донишгоҳ ва ҳамкорон ба чоп омода намуданд, то аз натиҷаи ковишҳои илмии шодравон донишҷӯён ва аҳли таҳқиқ баҳра бардоранд.

Дар Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон оид ба омӯзиши китоби «Тоҷикон» ҳамоиш гузаронида шуд.

БА МУНОСИБАТИ 15-СОЛАГИИ ҚОНУНИ ТАНЗИМ

# Танзим баракати зиндагист

*Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо, мардуми тоҷик, имкон дод, ки ояндаи хешро ҳамчун ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Бо ин мақсад як қатор қарору қонунҳо, санадҳои муҳими давлатӣ қабул гардиданд, ки ба зиндагии осоиштаи ҷомеа мусоидат намуданд. Аз ҷумла, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳаёти мардуми кишвар падидаи бемисли иҷтимоию фарҳангӣ ба шумор меравад.*

Ин қонун, аслан, ба хотири рӯзгори босаодат, беҳбуд бахшидан ба сифати зиндагии мардум ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, бо мақсади истифодаи одилонаи расму оинҳои миллӣ ва динӣ ва ислоҳоти ҷиддии иҷтимоӣ огоҳ бахшид. Зеро агар ба гузаштаи начандон дур назар афканем, мебинем, ки ҷашну маъракаҳо бе низом ва бе тартиби муайян доир мегардиданд, ки барои на танҳо соҳибмаъракa, балки аҳли хонаводаи ӯ низ боиси мушкилию вазниниҳо мегардид ва соҳибмаъракa солҳо аз сабаби қарздорӣ қомати худро рост карда наметавонист.

Бо мақсади омӯзиши вазъи расму оинҳо ва баргузории маъракаю маросими мардумӣ, аз соли 2006 дар сатҳи ҳукуматӣ гурӯҳҳои корӣ таъсис ёфтанд. Ин гурӯҳҳо вазъиятро омӯхта, ба ҳукумати ҷумҳурӣ хулосаи ниҳоиро пешниҳод карданд. Пас аз муҳокимаи васеъ ва мулоқоти Сарвари давлат дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оин ва анъанаву маросимҳои динӣ, 24 майи соли 2007 лоиҳаи қонун ба муҳокима гузошта шуд ва билохира, 8 июни соли 2007, №272 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» имзо гардид.

Бояд таъкид намуд, ки Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нахустин қонуни миллии кишвар буда, аз ҷониби аҳолӣ хеле хуш пазируфта шуд. Он дар давраe ба тасвиб расид, ки ҷомеаи ҷаҳониро бӯҳрони молиявӣ таҳдид мекард. Маҳз қабули ҳамин қонун боис гардид, ки болоравии фарҳанги маъракаороии мардум ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии онҳо таъмин гардад. Муҳимтар аз ҳама, мазмун, моҳият ва муҳтавои қонун пурра ба табиат ва манфиати мардум мувофиқ омада, аз ҷониби шаҳрвандони мамлакат бо қаноатмандӣ пазируфта шуд. Тайи понздаҳ сол дар раванди амалисозии он корҳои зиёде сурат гирифтанд. Дар самти ба низом даровардани маъракаю маросим ва ба баланд гардидани фарҳанги маъракаороии мардуми кишвар натиҷаҳои назаррас низ ба амал омаданд.

Расму оин ва ҷашну маросими мардумӣ дар ҳаёти фарҳангӣ, маънавӣ ва моддиву маишии халқи мо таърихи тӯлонӣ дорад. Аҳамияти расму оин ва маросими мардумӣ чун қисми таркибии фарҳанги миллӣ дар тарбияи насли наврас низ басо бузург аст. Расму оин ва ҷашну маросим дар баробари инкишофу пешрафти ҷомеа метавонанд тағйир ёбанд ва шаклу мазмуни нав гиранд. Яъне, анъана ва ҷашну маросим ҳамчун омили муҳими зуҳуроти иҷтимоӣ зарурат ба танзим дошта, мутобиқ ба талаботи даври замон бояд инкишоф ёбанд.

Пешвои миллат дар суханронии худ дар мулоқот бо аҳли ҷамоатчигии кишвар 24 майи соли 2007 гуфта буданд: «Аксарияти оилаҳои кишвари мо пойбанди хурофот ва зоҳирпарастӣ шуда, ба ҷойи фароҳам овардани шароити зарурӣ барои таълиму тарбияи фарзанди хеш суннати оилавӣ ва одии хатнаро бо иштироки меҳмонони зиёд ба тӯйи пурдабдаба табдил медиҳанд». Дар ҳақиқат, бино ба иттилои муовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррухулло Олимзода, то даврони ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба қонун ҳамасола дар мамлакат ба ҳисоби миёна бисту ду ҳазор маъракаи хатнасур доир мегардид. Дар даҳ сол (солҳои 2007 – 2017) дар ҳудуди кишвар 222 ҳазору 900 маъракаи хатнасур ба қайд гирифта шудааст.

Яке аз ҷанбаҳои қонуни мазкур паҳлуи маънавию ахлоқӣ ва тарбиявии он мебошад. Нақши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ташаккул ва тарбияи насли наврас низ чашмрас аст. Бо ин мақсад бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 08. 2009, №11/13 «Роҳнамо барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ оид ба тарбияи сарфаҷӯӣ ва оини дурусти зиндагӣ» қабул гардид. Ҳадафи роҳнамои мазкур бо усули дастраси самаранoки таълимӣ ташкил кардани дарсҳои беруназсинфӣ ба хонандагон мебошад. Муаллифи дастурамали зикргардида Одинашоҳ Вализода ҳамчун коршиноси варзидаи соҳаи танзими анъана ва ҷашну маросим дар амалисозии қонуни миллӣ саҳми шоиста дорад.

Ҳамин гуна дастурамал соли 2014 низ дубора бо такмил ва таҳрири нав нашр гардид, ки барои кормандони соҳаи маориф, умуман, муассисаҳои таълимӣ ва падару модарон ҷиҳати дар рӯҳияи сарфаю сариштакорӣ ба воя расондани фарзандон хизмат хоҳад кард. Барои хонандагон ва донишҷӯёни мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ фаҳмондани муҳтавои қонун, дар тафаккури онҳо ҷо намудани ғояҳои сарфаю сариштакорӣ, риояи талаботи қонунгузор дар роҳи ҳамчун шахси мустақилу пешрафта тарбия ёфтани онҳо ва пайдо кардани мақоми шоиста дар ҷомеа аҳамияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ дорад. Дар назди донишгоҳи мо низ комиссияи расму оинҳо ташкил гардидааст, ки ҳангоми камхарҷ ва тибқи қонун гузаронидани ҷорабиниҳои гуногун ва тӯйу маъракаҳои ҳакорон назорат мебарад.

Воқеан ҳам, ҳар кор назму тартиб мехоҳад ва риояи қонуни танзим низ аз ин истисно нест. Исрофкорӣ амали ношоиста буда, риоя накардани танзим танҳо бар зарари мост. Бинобар он, пешгирӣ аз исрофкориро мо бояд ҳамеша зери назорат бигирем, то ба ҷону моли хеш ҷабр нанамоем.

Ҳанӯз сесад сол пештар аз ин Мирзо Бедил ба мо ҳушдор дода буд:

*Зиндагӣ дар зери бори расму оин мурдан аст,*
*Даст дасти туст, бишкан ин тилисми нангро.*

***Ҷаъфар ҚОДИРОВ,***
***устоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон***

КИТОБИЁТ

*Зиндагиро маънӣ чист ва ҳастии инсонро чӣ муродест? Воқеан, ин суолест басо мураккаб ва доманадор. Дар дарозои садаҳову ҳазорҳо донишмандону пажуҳишгарони зиёде зимни нигоштаҳои фарогиру пурдалели хеш кӯшидаанд, ки зиндагиву моҳияти онро тафсир бахшанду бори гарони андешаи ҳамагонро аз ин хусус сабук созанд ва ба ин то ҷое комёб ҳам гаштаанд, ҳарчанд баҳси ин мавзуъ ҳанӯз бардавом аст.*

Валек дар ин миён як нукта бебаҳс монда ва дар ин боб аксар ба мувофиқа омада: зиндагӣ арсаи талошу озмунхост ва ҳар фардро мурод аз зиндагӣ бояд накукорӣ, шарафмандӣ ва номи нек бошад. Ҳамидахисол будан, ба халқу миллат хизмат кардан ва дил ба даст овардан зиндагиро ҳусну маънӣ мебахшад, гуворою хушоянд мекунад.

*Ҳар чиз, ки дил бар он барояд,*
*Гар ҷаҳд кунӣ, ба дастояд.*

Китоби тозанашри устод М. Тошпӯлодов, ки «Чаманистони маънӣ» ном гирифтааст, қитъаҳои маънирезеро ба тариқи барчида аз эҷодиёти иддае аз адибони номвари тоҷик ба ҳам овардааст. Муаллифи адабгустар гӯиё як доман гулоҳои хушрангу бӯйро баргузида, гулдастае тозаву тар ва димоғпарвар аз онҳо офаридааст. Ин гулдаста ҳам иртиботи хонандагонро ба каломи бадеъ қавитар месозад, ҳам ба ҳисси зебоипарастии онон таҳрик мебахшад ва ҳам бисоти зеҳнҳоро ғанитар мекунад. Баргардон ба хати ниёгон кардани ин қитъаҳои дил-




# Маърифатпарвару хирадгустар

Зиндагӣ якрангию беҳавсалагию танбалиро намеписандад, азму ғайрат ва муҳаббату ҷасоратро тақозо дорад он. Ба ибораи муассиру дилпазири шоир, «Зиндагонӣ як даме н-осудан аст, Дар пайи хидмат ба мардум будан аст».

Умқи ин ҳикмати деринру мантиққавиро муаллифи китобе, ки инак, рӯи дасти мост, неку дарк кардааст дар ин замина зиндагии худро маънирезу самарбор бинмудааст. Устод Муҳаммадраҳим Тошпӯлодов – ин омӯзгори собиқадору варзида ва маърифатманду хирадгустарро солҳо боз мешиносем ва ҳамчун тимсоли иродатмандию ҷавонмардӣ эҳтиром мекунам. Гарчи кайҳо айёми нафақаву фароғати, ба қавле, ҳаққу ҳалолаш расидааст, гӯшаи узлат намепазирад ва ҳамоно азму талоши файзбор дорад, пой аз ористони деринаш – дабистон намеканад, маслиҳату дастур бар эхтиёчмандон, ба вижа, ҷавономӯзгорон дареғ намедорад ва қалам аз даст намениҳаду мақола паси мақола, китоб паси китоб эҷод мекунад, ки ҳама судманданд корагар. Чандин китобу дастураш самарафзои фаъолияти аҳли маориф ва густаришгари доираи назари хонандагон гардида. Домони ҳар коре, ки гирифт, то ба ҳадаф нарасад, раҳо накунад ва гӯиё ин қитъаи Кошифии некусуханро шиори фаъолият пазируфта:

*Мебош ба ҷидду ҷаҳд дар кор,*
*Домони талаб зи даст магзор.*

Пазир аҳамиятафзои китоб гардидааст; хонандагон матнҳоро дар муқоиса мехонанд ва малакаи хонишу донишашонро дар иртибот ба расмулхати бобоӣ такмил мебахшанд. Қитъаҳои назмию насрӣ бо нигоҳи моҳиятбину маъниҷӯ интихоб шудаанд ва ба завқи баланди таҳиягар, таъби суханпарварaш шаҳодат медиҳанд.

Ба гунаи далел ин ҷо ду қитъа аз барчидаҳои муаллиф меоварем:

*Нахшабӣ, зулм бадтарин чиз аст,*
*Аз ситам сиҳаҳо кабоб шавад.*
*Ҳар ки бо хонае кунад зулме,*
*Хонааш оқибат хароб шавад.*

***(аз Зиёвуддини Нахшабӣ)***

*Эй писар, гар ба гуфтан уфтод кор,*
*Ғайр ҳарфи наку мағӯ зинҳор.*
*Дар ҳузури касон наку баргӯй*
*В-ар ба ғайбат расӣ, накутар гӯй.*

***(аз Камолиддин Биноӣ)***

Китоби «Чаманистони маънӣ» хазинаи хираду маънавияти хонандагонро бештар комилу ғанӣ мекунад ва дӯстдорони адабиёт ин ганҷинаи маънавиро батакрор рӯи даст хоҳанд овард ду бо майли том варақ хоҳанд зад.

Сари таъзим фуруд бояд овард ба ҳар фарде, ки бо аъмоли неку, бо хидмати бардавом ба мардум зиндагиашро шукӯҳу маънии шоиста мебахшад ва шиор мезанад: «То ҳаст зи ҷонам рамаке, кори ман ин аст!»

***Абдурауф МУРОДӢ,***
***«Омӯзгор»***

ИҚДОМ

## Ифтитоҳи озмоишгоҳи таълимӣ - таҳлилӣ

Дар назди кафедраи экология ва ҳифзи табиати факултети геоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров озмоишгоҳи таълимӣ - таҳлилӣ ифтитоҳ гардид. Дар маросими ифтитоҳи он ректори донишгоҳ, профессор Аюб Усмонзода иштирок намуд.

Дар озмоишгоҳ, дар доираи лоиҳаҳои "ТЕМПУС" ва "ЭРАСМУС+" як қатор таҷҳизот, ба монанди люксометр, барои чен кардани сатҳи равшанӣ, шумомер, барои чен кардани сатҳи овоз, таҷҳизот барои чен кардани шиддатнокии гармӣ, муайян кардани миқдори газҳои ҳавои атмосфера – аспиратор, чен кардани чангу ғубори ҳаво, ченкунии муҳити дохилии ҳамаи маҳлулҳо ва микроскопи "Биолам" харидорӣ шудааст.

Дар лабораторияи мазкур ҷиҳати гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ ва амалии донишҷӯён аз фанҳои "Ботаника бо асосҳои экология", "Физиологияи растаниҳо", "Экспертизаи экологӣ", "Экологияи хок ва кишоварзӣ", "Мониторинги муҳити зист" шароит фароҳам шуда, барои анҷом додани корҳои тадқиқотӣ оид ба тағйирёбии таркиби ҳавои атмосфера, манбаъҳои обӣ, сатҳи радиатсия, трансформатсияи ҳосилхезии хок имконият гардид.

***Маркази иттилоот ва таҳлили ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров***

Дар шаҳри Душанбе доир ба нақши китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар рушди давлатдории миллӣ ҳамоиши илмӣ сурат гирифт.

*Дунболи ситоиш мадав, арзандаи ситоиш шав.*
*Ян Амос Каменский*



САҲИФАҲОИ ТАЪРИХ

***Тоҷикон то Инқилоби Октябр ва ба сари қудрат омадани болшевикон дар чи шароити сангин зиндагӣ ба сар мебурданд, ба ҳамагон маълум аст. Танҳо мутолиаи огоҳона ва амиқи асарҳои Аҳмади Дониш, устод Садриддин Айнӣ ва китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров дар масъалаи қафомондагии аморати Бухоро (чи аз лиҳози фарҳангӣ, чи маориф, чи тандурустӣ ва аҳволи иҷтимоӣ-иқтисодӣ) маълумоти муътамади фаровоне ба мо пешниҳод менамояд.***

# Маҳви бесаводӣ



Рӯ овардан ба саҳифаҳои китобҳои мустанади муаррихон, кормандони ҳизбию шӯроии вақт ва рӯзномаҳои солҳои гуногун низ иттилоъ ва маводи омӯзандаеро ба хонандаи имрӯз медиҳад. Хусусан, иттилоъ пайдо кардан дар хусуси чигунагии вазъи маориф дар солҳои 20-30-юм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷолибу ибратбахш буда, аз он замон то имрӯз, то ба даст овардани истиқлолият ба чӣ дастоварду комёбиҳо ноил гардидан дар соҳаи мазкурро нишон медиҳад.

1.Аз декларатсияи съезди 1-уми муассисаи умумитоҷикистонии Советҳо дар бораи таълими умумии меҳнаткашон, ки дар маҷлиси 12 декабри соли 1926 қабул карда шудааст.

…Оммаи меҳнаткаши Тоҷикистон дар съезди 1-уми Умумитоҷикистонии Советҳо эълон мекунад, ки ҳамаи органҳои республикаи Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки бавосита ё бевосита ба амал ҷорӣ намудани таълими умумӣ ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, бояд чунин масъалаҳоро ҳал намоянд:

Барои он ки ҳамаи меҳнаткашони РАСС Тоҷикистон барои маълумотгирӣ имконият пайдо кунанд, Съезди 1-уми Умумитоҷикистониии Советҳо чунин мешуморад, ки бо роҳи ҳатмӣ ба меҳнаткашони РАСС Тоҷикистон имконияти бепул маълумотгирӣ дода шавад.

2. Бо мақсади зудтар ҷорӣ намудани таълими умумӣ Съезди 1-уми Умумитоҷикистонии Советҳо чунин мешуморад, ки бесаводии умумӣ амалан то ҷашни 20-солагии Револютсияи Октябр бархам дода шавад.

3. Бо мақсади ба меҳнаткашони РАСС Тоҷикистон додани озодии пурра дар инкишофи қувваҳои эҷодии худ ва ба вуҷуд овардани маданияти миллӣ, таълими умумӣ бояд аз рӯи хусусияти иҷтимоӣ ва миллии халқҳои сокини РАСС Тоҷикистон ҷорӣ карда шавад.

4. Бо мақсади он ки маданияти сотсиалистии меҳнаткашони РАСС Тоҷикистон бо маданияти тамоми меҳнаткашони Иттифоқи Советии Сотсиалистӣ алоқаи зич дошта бошад, ҳангоми ҷорӣ кардани таълими умумӣ дар РАСС Тоҷикистон ба асоси он Принсипи умумии таълимии дигар республикаҳои иттифоқӣ гузошта шуда, барои РАСС Тоҷикистон мувофиқи шароитҳои иҷтимоӣ, маданӣ ва иқтисодии он тағйироти дахлдор дароварда шавад.

5. Азбаски мактабҳои кӯҳна боқимондаи замони амиру бекҳо мебошанд ва онҳо на ин ки ба талаботи тарбияи сотсиалистӣ ҷавоб намедиҳанд, инчунин, вазифаи асосии худ-вазифаи таълимро иҷро намекунанд ва шахсони ҷандин солҳо дар ин мактабҳо таълим гирифта бесавод мебароянд, Съезди 1-уми Умумитоҷикистонии Советҳо қарор дод, ки онҳоро бархам диҳад. Ғайр аз ин, бо мақсади аз зулми рӯҳии сиёсати амир қатъиян раҳо додани меҳнаткашони Тоҷикистон, инчунин, бо мақсади ба вуҷуд овардани системаи ягонаи маорифи халқ, ки он барои тарбия кардани кадрҳои ҳамфикру тифоқ ба муборизаи бахри зиндагии сотсиалистӣ ёрӣ расонда тавонад, мактабҳои кӯҳна бояд ба мактаби советӣ иваз карда шаванд.

6. Барои он ки унсурҳои контрреволютсионӣ бо воситаи мактаб ба оммаи меҳнаткашон таъсир расонида натавонанд, ҳангоми ҷорӣ кардани таълими умумӣ тамоми унсурони ба оммаи меҳнаткаш бегона бояд аз мактабҳо ронда шаванд.

7. Азбаски ақибмонии маданӣ аҳолии маҳаллӣ ба гузаронидани ҷорабинии прогрессивии соҳаи ҳаёти хоҷагӣ монеъ мешавад. Съезди Умумитоҷиикстонии Советҳо бо суръат пеш бурдани кори маорифро яке аз муҳимтарин пунктҳои кори минбаъда мешуморад ва барои бо муваффақият иҷро кардани ин ҷорабинӣ бояд дар ҳадде, ки эҳтиёҷоти ҳақиқии маорифи халқ талаб мекунад, воситаҳои моддӣ сарф карда шавад.

8. Бо мақсади сабук кардани кори Комитети Иҷроияи Марказии РАСС Тоҷикистон, ки Съезд ҳарҷониба кор карда баромадани лоиҳаи қонуни таълимии умумӣ ва иҷрои амалии онро ба зиммаи он мегузорад. Съезди Умумитоҷикистонии Советҳо ҳамаи меҳнаткашони Тоҷикистон, онҳоеро, ки баъди Револютсияи Октябр ва револютсияи сентябри соли 1920 ҳокимияти амирро сарнагун намуда, давлати худро бунёд карданд, онҳоеро, ки дар шароити душвортарин ҳокимияти амирро аз бунаш решакан карданд, босмачигариро, ки иқтисодиёти мамлакатро ба дами ҳалокат расонида буд, нест карданд, даъват мекунад, ки тамоми қувваи худро ба муборизаи зидди бесаводӣ, ҷаҳолату ақибмонӣ сафарбар кунанд, зеро танҳо ин музаффарият некӯаҳволии иқтисодӣ, мадании оммаи меҳнаткашони Республикаи Тоҷикистонро таъмин менамояд ва барои ташкил кардани сохти сотсиалистӣ ба онҳо тамоми воситаҳои заруриро медиҳад.

**(Аз китоби Д.Фанян – Аз таърихи сохтмони советӣ дар Тоҷикистон саҳ. 97-99)**

**2. Курсҳои маҳви бесаводиро хатм карданд (Дар Хуҷанд)**

Шуъбаи округии равшаннамоии сиёсии райони Хуҷанд дар қишлоқи Қистақӯз ду мактаби маҳви бесаводӣ кушод.

Дар ин курсҳо 50 кас таҳсил мекард, ки аз онҳо 20 нафар аъзои партия, 25 нафар аъзои комсомол, 5 нафар аъзои ташкилотҳои маҳаллӣ буданд. Ба наздикӣ ин курсҳо кори худро анҷом доданд. Дар натиҷаи фаъолияти муаллимон аз 50 нафар хонанда 25 нафараш саводнок ва боқимондаашон ҷаласавод баромаданд. Ин яке аз муваффақиятҳои муборизa барои маҳви бесаводӣ мебошад. (Газетаи «Овози тоҷик», с. 1928)

**3. Кор дар соҳаи маориф**

Дар вилояти Бадахшони кӯҳӣ сол аз сол кори маорифи халқ ривоҷ равнақ меёбад. Халқ торафт ба маърифат наздик мешавад. Чунончи, соли ҷорӣ барои таҳсил 10 нафар ба Университети Осиёи Миёна, 30 нафар ба Институти тоҷикии муаллимони Тошкент, 16 нафар ба мактаби партиявии Душанбе, 3 нафар ба Институти педагогии Душанбе, 4 нафар ба курсҳои тайёркунии юристҳо, 2 нафар ба мактаби занонаи шаҳри Душанбе, 80 нафар ба мактаби занонаи шаҳри Хоруғ ва 50 нафар ба мактаби занонаи маҳви бесаводӣ фиристода шуданд. Ғайр аз ин, чор зани маҳаллӣ муаллима шуданд. Ҳамагӣ дар Бадахшон 21 мактаб ҳаст. Дар ин мактабҳо фарзандони деҳқон таҳсил мекунанд.

**(Аз газетаи «Тоҷикистони сурх» аз 14 январи с. 1929, №6)**

**4. Босавод мешаванд**

Дар Оби Гарм 9 мактаби ибтидоӣ буд, дар ин мактабҳо 37 курси маҳви бесаводӣ кор мекард, ки 1200 нафар таҳсил менамуданд. Рӯз аз рӯз муборизаи деҳқонон барои бархам додани бесаводӣ ривоҷ мегирад. Дар натиҷаи кори фаъоли аъзоёни артели «Галадашт» деҳқонон ба шуъбаи маорифи халқ ариза дода, хоҳиш карданд, ки курсҳои шабонаи маҳви бесаводӣ кушода, ба ин курсҳо муаллимон фиристанд. Китобҳои дарсӣ таъмин кунанд, аммо худи аъзоёни артел бошанд, харочоти чароғ ва дигар эҳтиёҷоти курсҳоро ба зиммаи худ гирифтанд.

Ин нишон медиҳад, ки деҳқонон аҳамияти маданияти пролетариро нағз мефаҳманд. **(Газетаи «Тоҷикистони сурх» аз 12 январи соли 1930, №9)**

**5. Дар Комиссариати маорифи халқ**

Дар аксарияти мактабҳои ибтидоӣ ва маълумоти умумӣ фарзандони деҳқонони камбағали бепарастору бехонаю ҷой таълим мегиранд. Ин кӯдакон либос надоранд ва зимистон хеле азоб мекашанд. Коллегияи Комиссариати маорифи халқ вазъияти мактабҳои ибтидоиро дида баромада, қарор дод, ки барои ёрии бачагони эҳтиёҷманди мактабҳои ибтидоии округӣ 20 ҳазор сӯм ҷудо карда шавад. Ин маблағ чунин тақсим карда мешавад:

Ба округи Ғарм барои писарбачагон – 5 ҳазор сӯм ва барои духтарон – 2500 сӯм.

Барои Бадахшон барои писарбачагон 500 сӯм, барои духтарон 500 сӯм, барои округи Ҳисор фақат барои духтарон – 900 сӯм, барои округи Қӯрғонтеппа танҳо барои духтарон 800 сӯм, барои округи Ӯротеппа – 800 сӯм, округи Панҷ, барои духтарон 500 сӯм, барои округи Кӯлоб 5000 барои писарбачагон ва 2500 сӯм барои духтарон.

Шуъбаҳои округи Комиссариати маорифи халқ маблағи муайяншударо гирифта, ба хонандагони эҳтиёҷманди мактабҳои ибтидоӣ ёрдампулӣ медиҳанд. **(Аз газетаи «Тоҷикистони Сурх» аз 13 январи соли 1930, №11)**

6. Қарори Комитети иҷроияи марказии Советҳо ва Совети комиссарони халқи РСС Тоҷикистон «Дар бораи таълими умумии ҳатмии ибтидоӣ».

**(11 октябри с. 1930, №11)**

7. Қарори Комитети иҷроияи марказии Советҳо ва Совети комиссарони халқи РСС Тоҷикистон «Дар бораи таълими умумии ҳатмии ибтидоӣ».

(11 октябри соли 1930, ш. Душанбе, №165)

(АМД РСС Тоҷикистон ф. 212, рӯйхати 2, дафтари 44, варақи 9-11)

Дар асоси қарори КИМ ва СКХ СССР «Дар бораи таълими умумии ҳатмӣ» аз 14 августи соли 1930 (Маҷмӯи қонунҳои СССР, соли 1930, №39 моддаи 420)

Комитети Иҷроияи Марказии Советҳо ва Совети Комиссарони Халқи РСС Тоҷикистон қарор мекунад;

Дар РСС Тоҷикистон таълими умумии ҳатмии ибтидоии бачагон (барои писарбачагон ва духтарони 8-9-10 сола) вобаста ба шароити хоҷагӣ ва мадании районҳо дар чунин муҳлатҳо муқаррар карда шавад…

*Таҳияи*
***Шодӣ РАҶАБЗОД, «Омӯзгор»***

ЗАҲМАТҚАРИН

# Агар гӯйӣ, ки битвонам…

Пешрафту рушд ва дастовардҳои ҳар як муассиси таълимӣ аз сардори он вобастагии зич дорад. Махз директори дилсӯзу гамхор, кӯшову ҷӯянда ва заҳматкаш бахри такомулу таҳаввули зеҳнии хонандагони таълимгоҳ ва ташаккули фаҳмишу ҷаҳонбинии онҳо якҷо бо ҳайати омӯзгорон ҷаҳду талош намуда, ба он мекӯшад, ки натиҷаҳои ҷамъбасти чорякҳои хониш беҳтар гардад.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33-и ноҳияи Файзобод, ки сардории онро ҷавони боиродаву доно Саидаҳмад Воҳидов ба уҳда дорад, аз қабили таълимгоҳҳои беҳтарини ноҳия ба шумор меравад. Саидаҳмад Валиев мактабро хонаи дуюми худ ҳисобида, аз тамоми имконоту шароит истифода мекунад, ки сатҳу сифати таълиму тарбия ва донишазхудкунии хонандагон беҳтар ва муассиса ба комёбию дастовардҳои зиёд ноил гардид. Мавсуф пас аз хатми факултети забони хориҷии ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар мактаби №33-и ноҳия ба фаъолият пардохта, зиёда аз 10 сол мешавад, ки ба хонандагон аз фанни забони англисӣ сабақ меомӯзонад. Тӯли ин солҳо С.Воҳидов шогирдони зиёдеро тарбия ва ба камол расонидааст, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолият мекунанд.

-Дастовардҳои таълимгоҳи мо дар ҳама самтҳо назаррас мебошад, -изҳор дошт зимни суҳбат С.Воҳидов ва афзуд, ки соли равон панҷ нафар хонандаи муассиса дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ иштирок ва соҳиби медалҳои нуқрагию биринҷӣ гардиданд, шаш нафари дигар бо ифтихорномаҳо қадрдонӣ шуданд. Шогирдони таълимгоҳ дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» низ фаъолона иштирок мекунанд.

Бояд зикр кард, ки робитаи муаллимон бо волидон ва соҳибкорони деҳа хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, бо дастгирию иқдоми мардони ҳимматбаланд Фаттоҳ Расулов, Ато Воҳидов ва Хайриддин Расулов 2 синфхонаи иловагӣ ва бинои хуштарҳи китобхона сохтаву ба истифода дода шуд. Айни замон соҳибкорони номбурда тасмими гирифтаанд, ки боз 4 синфхонаи иловагӣ бунёд хоҳанд кард. Хидматҳои сардори ташаббускору заҳматқарин Саидаҳмад Воҳидов бо нишони «Аълочии маорифи ва илми Тоҷикистон» қадрдонӣ шудааст.

***Ҳокими САФАР, ноҳияи Файзобод***

Рушди ҳамкории Тоҷикистон ва Эстония дар соҳаи сайёҳӣ баррасӣ гардид.

ОЛИМОНИ МО

# Илм омӯхту амал кард

Замони таҳсил донишҷӯи факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Амиршоҳ Ёрмуҳаммадов ба таърихи матбуоти тоҷик ва нақши матбуоти даврӣ дар бедории миллӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекард, зеро ӯ собиқаи кори яксолаи матбуотро дошт. Аз ин хотир, дар бобари кори пурзаҳмати педагогӣ, боз тахти роҳбарии профессор М. Бобохонов дар мавзуи "Матбуоти даври дар давраи тайёрӣ ва галабаи Инқилоби сотсиалистӣ дар Туркистон" пажуҳиш анҷом медод. Ба муҳаққиқи ҷавон, аспиранти Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов лозим меомад, ки ба дуру наздик сафар кунад, ҳафтаҳо ва моҳҳо дар китобхонаҳои шаҳрҳои Москва, Ленинград (Санкт-Петербург), Алмаато, Тошканд, Бухорову Самарқанд, Хуҷанду Душанбе машғули мутолиа шавад. Ба ӯ муяссар гардид, ки аз саҳифаҳои газетаи «Туркестанские ведомости», аз рӯзномаҳои болшевикии маҳаллӣ – "Наша газета", "Рабочие дело", ва рӯзномаҳои эсерҳою меншевикон – "Призив", "Свободный Самарканд" ва ғайра маводи зарурӣ ҷамъоварӣ намояд. Маводҳои ҷамъоварда имкон дод, ки дар оянда А. Ёрмуҳаммадов китобҳои пурарзиши "Саҳми матбуоти болшевикӣ дар тайёр кардан ва ғалабаи Инқилоби халқии Бухоро" (Душанбе, 1985) ва "Тадқиқи таърихи тоҷикон дар таърихнигории рус (охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX)" (Душанбе, 2005")-ро ба нашр расонад.



А. Ёрмуҳаммадов соли 1983 дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов, ки яке аз марказҳои бонуфузи илмии Шӯравӣ маҳсуб меёфт, рисолаи номзадиашро бомуваффақият дифоъ кард.

Бояд қайд намоем, ки фаъолияти илмӣ ва эҷодии А. Ёрмуҳаммадов ба ҳайси муаррихи варзида хеле арзишманд ва домандор буда, асарҳои ӯ ба мавзуъҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа бахшида шудаанду, ба паҳлуҳои зиёди таърихии ду қарни гузашта равшанӣ меандозанд. Ӯ муаллифи чандин монографияву дастури таълимӣ буда, дар мавзуъҳои гуногун беш аз 200 мақолаи илмӣ-оммавӣ таълиф кардааст.

Асарҳои илмии А. Ёрмуҳаммадов ба проблемаҳои назариявӣ, методологӣ ва методии илмӣ сарчашмашиносӣ бахшида шудаанд.

Фаъолияти педагогии ин олими шинохта ва пурмаҳсул дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон беш аз 50 солро дарбар мегирад, ки ин муҳлати кам нест. Дар ин солҳо муҳтарам А. Ёрмуҳаммадов дар факултаи таърих дар баробари пешаи педагогӣ, инчунин, муддати даҳ сол (2002-2012) вазифаи мудири кафедраи бойгонишиносиро ба уҳда дошт, роҳбарияти таълимгоҳ ва факулта иҷрои вазифаи ҷонишини декани факултети таърих оид ба таълимро низ ба ӯ чун олими сермаҳсулу донишманд супурда буданд.

Барои мо Тоҷикистон Ватани азизу гиромист. Зодгоҳамонро чун Ватани кучак дӯст медорем. Ҳамкори гиромии мо А. Ёрмуҳаммадов зодгоҳаш – шаҳраки Ворошиловободи ноҳияи Колхозободи собиқро, ки ҳоло дар замони соҳибистиқлолӣ номи шаҳраки Ваҳдати ноҳияи Ҷалолиддини Балхиро гирифтааст, хеле дӯст медорад. Ӯ соли 1947 дар ин макони навобод ба дунё омадааст. Устод А. Ёрмуҳаммадов азм дорад дар бораи таърихи зодгоҳаш, ширкати миллату халқияту қавмҳои гуногун дар корамсозии водии Вахш ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолии мамлакат тахти роҳбарии Пешвои миллат асари пурарзише ба нашр расонад.

Бовар дорем, ки ин олими варзида дар соҳаҳои илму маориф боз солҳои зиёде фаъолият бинмуда, асарҳои нав ба нав эҷод мекунад, шогирдони сазовор мепарварад.

***Манзар МУНАВВАРОВ,***
***Тамара МУНАВВАРОВА,***
***дотсентони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

СОБИҚАДОРОНИ МАОРИФ

# Раҳнамои илму маърифат

***Гурез Иброҳимов соли 1942 дар деҳаи зебоманзари Ғешии ноҳияи Муъминобод чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Чун волидонаш аз инсонҳои боҳиради деҳа маҳсуб меёфтанд, аз огоз ба таълим ва тарбияи фарзандашон таваҷҷуҳ зоҳир карда, ҷигарбанди маҳбуби хешро дар роҳи худшиносию худогоҳии миллӣ тарбия намуданд. Тарбияи хуби падару модар буд, ки Г. Иброҳимов аз хурдӣ ба омӯхтани илму дониш марох зоҳир намуд.***

Мактаби миёнаро соли 1960 бомуваффақият хатм карда, роҳ ба сӯйи Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) пеш гирифт. Имтиҳонҳои қабулро бомуваффақият супорида, дар факултаи забон ва адабиёти тоҷик таҳсилро огоз намуд. Истеъдод ва азму иродаи қавии Г. Иброҳимовро ба инобат гирифта, маъмурияти донишкада ӯро муаллими кафедраи педагогика ва психология таъйин намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки Г. Иброҳимов аз давраҳои дар донишкада таҳсил кардан ба фанни педагогика таваҷҷуҳи махсус пайдо карда, баъди ду соли фаъолият бо роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давом додани фаъолияти педагогӣ, соли 1972 ба ноҳияи Қумсангир (ҳоло Ҷайҳун) ба мактаби миёнаи умумии №3 фиристода мешавад. Дар мактаби мазкур то соли 1975 ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик ва ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ фаъолият мекунад.

Г. Иброҳимов соли 1975 ба кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб баргашт. Соли 1983-1987 бо мақсади давом додани кори илмӣ дар шуъбаи аспирантураи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) дохил шуда, тахти роҳбарии академик И. Обидов дар мавзуи «Тарбияи байналмилалии хонандагони синфҳои 5-6 ҳангоми таълим ва корҳои беруназсинфӣ» тадқиқоти илмӣ бурда, онро соли 1991 дар Шурои илмии ҳамин донишгоҳ бо муваффақият дифоъ намуда, ба гирифтани унвони номзади илмҳои педагогика сазовор гардид.

Г. Иброҳимов дар давоми фаъолияти филологӣ, инчунин, ба корҳои илмӣ-эҷодӣ пайваста марох ҷиддӣ зоҳир кард. Воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои методии ӯ мазмуну «Мазмун ва мундариҷаи кори роҳбари синф», «Роҳҳои фаъолгардонидани тарбияи интернатсионалии хонандагон», «Роҳбарии корҳои тарбиявӣ ва коргузорӣ дар мактабҳои олӣ», «Татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар мактаб», «Роҳнамои гурӯҳҳои таълимӣ», «Тарбияи интернатсионалии хонандагони синфҳои 5 ва 6 ҳангоми корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ», (монографияи илмӣ), «Мазмун ва мундариҷаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб», дастури таълимӣ «Муҳаббат ва замзамаи дарси омӯзгор» ва рӯзномаҳои даврӣ, инчунин, мақолаҳои зиёди илмӣ ва методӣ, ки маҷаллаҳои илмӣ нашр намудааст, бо мазмуни муҳтавои баланд иншо шудаанд.



Устод Г. Иброҳимов дар тайёр намудани кадрҳои унвони илмӣ ва илмӣ-педагогӣ саҳмгузор мебошанд. Г. Иброҳимов дар баробари фаъолияти педагогӣ, инчунин, ба санъати овозхонӣ майлу рағбат дошта, махсусан, дутор ва думбраро бо як услуби хос, фораму дилписанд ва хеле моҳирона менавозад. Бо истифода аз асбобҳои мусиқӣ ашъори Ҳилолию Навоӣ, Ҳофизу Камол ва Туғралро бо савтҳои халқӣ фораму дилнишин месароянд.

Г. Иброҳимов бо «Ифтихорнома»-и Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвони Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, медали «2700-солагии шаҳри Кӯлоб» мукофотонида шудааст.

***Одинамо ШАРИФОВА,***
***декани факултети филологияи руси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

ИСТЕЪДОД

# Ғижакнавози соҳиблаёқат

***Агар гӯем, ки ҳунару меҳри ғижакнавозӣ дар вуҷуди Сироҷиддин ирсӣ, бо хун омадааст, хато намекунем. Зеро амакаш Насим Дилшодов ғижжакнавози моҳире буд. Падари бузургаш Файзулло Гулшоев ҳам, ки дар ҳоҷагии ба номи Абдулло Абдулвосиев муҳандис буду ҳоло дар нафақа аст, Сироҷиддинро мудом ба ғижакнавозӣ талқин мекарданд.***

Хамин буд, ки меҳри навохтани асбоби ғижак дар дили Сироҷиддини кӯчак оҳиста-оҳиста ҷо гирифт. Чун садои онро мешунид, дар тасаввураш нолаи ҳазини чӯпоне аз кӯҳистони дуре ба гӯшаш меомад, ки аз рӯзгори нобасомонаш, аз дурии наздикону пайвандонаш ё аз бемеҳрии маъшуқааш шиква мекарду ашк мерехт ва бо ҳамин дарди дили худро қадре сабук мекард. Сироҷиддин андеша мекард, ки ғижак беҳтарин асбобест, ки инсон метавонад ба воситаи он дарди дилу эҳсосоти ботиниашро амиқ баён кунад. Ҳамин буд, ки баъди ба ҳафтсолагӣ расидан, бо роҳнамоии амаку бародараш таҳсилро аз мактаби махсуси мусиқии ҷумҳуриви ба номи Малика Собированы шаҳри Душанбе огоз кард. Тӯли даҳ сол ҳам фанҳои дақику гуманитарӣ омӯхту ҳам аз сирру асрори асбоби ғижак васеътар огаҳӣ ёфт. Устодаш Амиралӣ Ҳафизов хунари ғижакнавозиро ба ин шогирдаш омӯхт. Дар ин муддат Сироҷиддин Гулшоҳзода аллакай ғижакнавози касбие шуд. Вале ӯ меандешид, ки ҳарчанд бо ғижак наздик шавӣ, ҳис мекунӣ, ки ҳанӯз асрори нокушодаи ин асбоб ба дилу эҳсос наздики инсон беохиранд. Ба хотири ба олами беканори ғижак дохил шудан Сироҷиддин Гулшоҳзода омӯзишро дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторови шаҳри Душанбе давом дод. Муассисаи таълимии мусиқии мазкур барои Сироҷиддин дари олами нави



санъатро боз намуд. Солҳои 2008–2013 аз омӯзгорони консерватория, хусусан, роҳбари бевоситааш омӯзгори собиқадору оҳангсози шинохта Ҳасан Пиров нозукиҳои дигареро дар навохтани ғижак кашф кард. Сироҷиддинро дар Қасри фарҳанги шаҳри Ваҳдат ба кор қабул карданд. Бо омадани ӯ дастаи навозандагони қасри фарҳанг пурратар гардид, фаъолияташ вусъат ёфт.

Соли 2017 Сироҷиддин хуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон супорида (гоибона), онро бо ихтисоси нақшакаш хатм кард. Аз соли 2017 инҷониб Сироҷиддин Гулшоҳзода дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 39, деҳаи Баҳористон (собиқ Холбойқара) омӯзгор аст.

Соли сипаригардида Сироҷиддин дар озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон–Ватани азизи ман" ширкат варзид. Дар даври шаҳрии озмун оҳанги эҷодкардаи устодаш Ҳасан Пиров "Нури ваҳдат"-ро навохта, аъзои ҳакамонро ба ваҷд овард ва ба даври минтақавӣ бе мушкилӣ роҳ ёфт.

Шаффофияту адолати озмуни минтақавӣ ва баҳои ҳақиқии ҳакамон Сироҷиддинро барои иштирок дар озмуни ҷумҳуриявӣ боз ҳам боҷуръату рӯҳбаланд гардонд. Аз шаҳри Ваҳдат қатори Сироҷиддин дар жанрҳои гуногун, Манучеҳр Убайдов, Омина Бобохонзода, Шерзоди Фирӯз ва Абдулло Назиров низ роҳ ёфтанд.

Дар озмуни ниҳоӣ аз шаҳри Ваҳдат танҳо Шерзоди Фирӯз ҷомеъ гардида, ҷойи дуюмро сазовор шуд. Сироҷиддин Гулшоҳзода бошад, дипломи иштирокчии озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон–Ватани азизи ман"-ро соҳиб гардид, ки ин ҳам як шарафи бузург аст.

***Амруллоҳи ЗАБИР,***
***шаҳри Ваҳдат***

Ҷилди сеюми китоби «Душанбе – қалби Тоҷикистон» муаррифӣ шуд.

ЭҶОД

# Аз хирвори андеша

Бузургтарин хатои ҳар шахс он бувад, ки бигӯяд: «Дигар хато намекунам!»

***

Рафтори тақлидгар хандабарангез аст; як пои мӯзааш дигар асту пои дуюмаш дигар.

***

Сабабгори бисёр бадбахтиҳои мо булҳавасии чашм асту лоуболии дил.

***

Некӣ сарогози тамоми хушбахтиҳост.

***

Дуруғгӯй ҳамеша як пой дар гил дорад.

***

Барои он ки дурии дуриҳоро бубинӣ, ба қулла баромаданат шарт нест; китоб бихон!

***

Хирад гул аст, зеботарин гул дар чаманистони зиндагӣ.

***



Комёбии пай дар пайро ҳам таҳаммул карда тавонистан тавоноист.

***

Агар ситора медонист, ки чӣ қадар ман онро дӯст медорам, рӯзона ҳам падид меомад.

***

Пирӣ бидуни хирад шармандагист.

***

Ҳар кас ки ба ҷустуҷӯи лаззат мебарояд, охир худро дар канори зан хоҳад дарёфт.

***

Агар раҳнавардеро пайгирӣ кардан хоҳед, нахуст бифаҳмед, ки ӯ ба куҷо равона аст.

***

Қомати эҷодкор ҳамон вақт рост мешавад, ки қаламаш рост шавад.

***

Ханда калиди қуфли дилҳост.

***

Чеҳраи саршори табассум бартар аз чеҳраи саршори ҳусн аст.

***

Аксаран шӯхӣ дар иҷрои кортар аз қодирҳо ҷиддият аст.

***

Гоҳе ҳазлбардорӣ гаронтар аз вазнбардорист.

***

Номақбултарин амали омӯзгор ба хондани китоби бад водоштани шогирдон аст.

***

Нависандаи хуб дар забонзадатарин мавзуъ ончунон менависад, ки гумон мекунӣ, дар ин мавзуъ касе пеш аз ин чизе нагуфта.

***

Инсони бад нависандаи хуб шуда наметавонад.

***

Ҳама дар дил оташаке дорем, чун ошиқ мешавем, ин оташак ба аланга табдил меёбад.

***

Ба ҷуз аз ошиқӣ дигар дар ҳама корҳо машварат корагар аст.

***

Носипостарин шахс онест, ки савори хар асту аспро ситоиш мекунад.

***

Баъзан онҳое ба мо халал мерасонанд, ки аслан ёрӣ расондан мехоҳанд.

***

Зиндагиро аз варзишгаре бояд омӯхт, ки нахуст якчанд қадам қафо рафта, пас якбора ба пеш меҷаҳад ва ба комёбӣ мерасад.

***

Бузургтарин тавоноӣ ин аст: мухтасар сухан гуфтан тавонистан.

***

Аз овоне ки ба китобхонӣ шуруъ кардед, хушбахтӣ ба ҷустуҷӯи шумо мебарояд, чун ба қадри кофӣ китоб хондед, он шуморо дармеёбад.

***

Озодии ҳақиқӣ дар оғӯши зан будан, вале дар итоати ӯ набудан аст.

***

Аз ҳар чизе, ки ман дидам, беҳтарину зеботаринаш чеҳраи пуртабассум буд.

***

Оне бештар мутолиа мекунад, ки асари хубро аз бад ҷудо карда тавонад.

***

Ҳар касе беш мехоҳад, беш ранҷ мекашад.

***

Вақте ки накукориро бо зебоӣ даромехтӣ, дар зиндагӣ хушбахттарин инсон хоҳӣ буд.

***

Аз накукории баддил эҳтиёт бошед; дастагулест, ки хор андарун ниҳон дорад.

***

Вақте ки одамон бо ҳам сухани гуворо мегӯянд, муҳиташон мушкбез мешавад.

***

Бигзор, дар зеботарин маҳалу дар волотарин мақом бошед, аммо қасам ба номи Худо, ки худро чун дар зодгоҳатон осудаву хушбахт дарёфта наметавонед.

***

Ман пулро барои он мепарастам, ки ниҳоди бисёр шахсонро ошкор мекунад.

***

Агар ҳазор фарсах ҳамқадам бошед, чун ҳамдил набошед, ҳамсафар нестед.

***

Хушбахтӣ чун бонуи зебост; ҳар қадар ба он иштиёқманд гардӣ, ҳамон қадар ноз мекунад.

***

Зебоӣ ба чашм нур, ба дил сурур ва ба тан ҳузур мебахшад.

***

Пайванди накукорӣ бо зебоӣ табииву ногусастанист.

***

Дар ҷавонӣ шиновари дарёи пурхурӯшӣ, дар пирӣ шиновари укёнуси ором.

***

Падарам ҳар гоҳ лутф мекард: ҷавонҳои пешин тан ба кор медоданд, ҷавонҳои имрӯз тан ба ёр медиҳанд.

***Абдурауф МУРОДӢ***

КАЛОМИ ВОЛО

***Шоирону нависандагон ва донишмандону мутафаккирон бо осори нотакрору нодирашон танҳо намояндаи воломақому беназири илму адаби қарну замони худ набуда, ҳамзамон, афроди рафъатназару озодандеши тамоми асрҳо ва ҷомеаҳо мебошанд, ки дар таърихи адабиёти гузаштаи тоҷику форс аз ин зумраи хос Ҳаким Фирдавсӣ ба шумор меравад.***

# «ШОҲНОМА» сухан аст, сухани бемаргӣ

Абулқосим Фирдавсӣ шоирест мутафаккир, ҳакиму доно, нобиға, ки баъд аз Рӯдакии Маликушшуаро мафҳуми «хирад»-ро аз нигоҳи фалсафӣ ва пажуҳишгарона дар пироҳани назм («Шоҳнома»-и бегазанду безавол) ба масобаи печонидаанд, меҳисобад. Мақсади наҷиб, хайрхоҳона ва олӣ! Унвони мақолаҳои устод худ баёнгари «афсари шаҳриёрон будани хирад», «хирадманду беозор будани инсон», «фурӯғи ҷону дили иносн будани дониш», «бар ҳама некуиҳо сар будани хирад» ва амсоғояи созандаи заминию кайҳонӣ тафсиру таҳлил ва натиҷагирӣ кардааст. Мафҳуми «хирад» аз нигоҳи Фирдавсӣ, заминаи бунёдии тамоми амалу кирдорҳои накукоронаю фозилонаи инсон буда, сарчашма ё худ бақои ҳастии оламу одам ва зиндагиро таъмин месозад. Маҳз ҳамин самти эҷодии Ҳаким Фирдавсӣ, ки дар «Шоҳнома» дарунмоя ва меҳвари ташаккулу таҳаввули марҳалавии инсон ва ҷомеаро дар бар мегирад, дар китоби донишманди маъруф, академик Муҳаммад Лутфуллозода – «Шоҳнома» ва тарбия» мавриди таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст. Мусаллам аст, ки тафсиру маънидоди мафҳуми «хирад» дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқон анҷом дода шудааст, аммо рӯйи сухани мо ба он равона шудааст, ки устод М.Лутфуллозода ин масъаларо бар мабнои шинохти арзишҳои ахлоқию тарбиявӣ таҳлил ва рақам задааст. Тавре худи ӯ иқрор мешавад, ҳаргиз иддаои пажуҳишу ҷустори илмӣ ва паёми навину нобе перомуни ақидаҳои пандомезу хирадманишонаи ҳакими тавоно дар сар надоштааст, аммо ҳадафи хешро аз таълифи китоб, таъйиду таъкиди шукӯҳу шаҳомати шоирии Фирдавсӣ ва бозгӯию хотирнишон кардани аҳамияту нақши ҷовидонагии «Шоҳнома» ҳамчун далели раднопазир дар тарбияи ахлоқии насли наврас ва ҷавонон дар замони кунуни пурнизою моҷароангез, ки ҷаҳонро ҳарбу масофҳои номушаххасу беҳадаф дар ҳалқаи худ печонидаанд, меҳисобад.

Дар ин матлаб: «Ватан ва ҳифзи он. Васфи сулҳу мазаммати ҷанг», «Панди омӯзгор», «Тавоно бувад…», «Маёсой аз омӯхтан», «Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор» ва ғайра. Донишманди пуркору серғайрат (ба солмандии хеш нангариста!) дар хусуси арзиши баланду оламгири «Шоҳнома» ва ҳунару нубуғи шоирии Ҳаким Фирдавсӣ ба сарчашмаю осори зиёди илмӣ, публитсистӣ ва таърихӣ рӯ оварда, ҳамчунин, пораҳое аз ёддошту хотираҳояшро аз сарзамни онсӯйи Ому – Афғонистон вобаста ба беназир будану ҳамто надоштани Фирдавсӣ пешниҳоди хонанда намудааст. Устод Муҳаммад Лутфуллозода ба сифати тоҷики ғурурманд ва дорои эҳсоси волои миллӣ, дар бораи қадру манзалати шоирии Ҳаким Фирдавсӣ, аз ҷумла, менигорад:

«Фирдавсӣ тоҷик буд, тоҷикона меандешид, тоҷикона меофарид, тоҷикона зиндагӣ мекард.» Дар ин масъала, устод аз суханони роҳбари вақти собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, И.В. Сталин, ки онро 81 сол қабл баён доштааст ва Фирдавсиро фарзанди миллати тоҷик номидааст, иқтибос меорад, ки воқеан, боиси ифтихору сарфарозист. Дар ин радиф, муҳаққиқ гуфтаҳои бузургони илму адаби дигар мамолику кишварҳоро чун далели бузургию нотакрор будани Фирдавсӣ меорад. Ҳангоми андешаронӣ дар заминаи абёти «Шоҳнома», дар матлаби «Ватан ва ҳифзи он. Васфи сулҳу мазаммати ҷанг» устод М.Лутфуллозода афкори худро ҷамъбаст карда, хотираи хешро аз сафар ба Эрон, ки соли 2003 воқеъ гардида буд, дар хусуси аҳамияти ахлоқӣ ва тарғиби ватану ифтихори миллӣ нақл мекунад:

«Соли 2003 бо мақсади чопи «Алифбои ниёкон» («Шамъ») Теҳрон рафтам. Рӯзе маро ба Донишкадаи санъати тасвирӣ бурданд. Ба синфе даромадем, ки анқариб 40 нафар духтар паси мизҳо нишаста, аз китоби «Шоҳнома» расми Гурдофаридро мекашиданд, ки болои аспи сафед тасвир ёфта буд. Байни ману духтарон суҳбате баргузор гардид:

-Ин расми кист?

-Расми Гурдофарид.

-Кӣ буд Гурдофарид?




-Симое аз «Шоҳнома»

-Чӣ кор мекард?

-Бо падараш дар қалъа сарҳади Эронро нигаҳдорӣ мекард.

-Агар зарурат афтад, шумо низ дар ҳифзи сарҳад ҳозир мешавед?

-Бале, ҳозир мешавем!»

Андешаҳои донишманди пурхонда, устоди фарзона М.Лутфуллозода ҷолибу ибратомӯз буда, дар хатми ҳар мақола ҳамбаста ба таҳлили абёти «Шоҳнома» нуктаи назари хоси худро оид ба ин ё он масоили баҳсталаб баён мекунад. Дар як матлаби фишурда наметавон рӯйи ҷамеи мавзуоте, ки дар китоб ба таври муфассал таҳлил шудаанд, андешаронӣ кард.

Танҳо ба сифати ҳусни хотимаи навиштаи худ пораеро аз шеъри Гулрухсор, ки устод дар китоб ҷой додаанд ва он моҳияти абадияти «Шоҳнома» ва Фирдавсиро ситоиш мекунад, меорем:

*«Шоҳнома» сухан аст,*
*сухани бемаргӣ,*
*«Шоҳнома» рӯҳ аст, ба*
*тани бемаргӣ.*
*«Шоҳнома» Ватан аст,*
*Ватани бемаргӣ.*
*Оре, оре, «Шоҳнома»*
*Ватан аст!*

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

САБҚАТ

# Истеъдодҳо муайян гардиданд

Дар толори фарҳангии муассисаи таълимии №1 - и шаҳри Левакант бахшида ба «Чил рӯзи ҳаёти кӯдакон» озмуни «Беҳтарин қироати шеърӣ» миёни кӯдакону наврасон баргузор шуд.

Дар он 60 нафар кӯдаку наврас аз муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр ширкат намуданд.

Дар рафти озмун мушоҳида гардид, ки иштирокчиён ба озмуни мазкур омодагии ҷиддӣ дидаанд. Зеро аксарияти кӯдакону наврасон бо маҳорати баланд мисраъҳои шеърҳоро аз эҷодиёти шоирони классику муосир қироат карданд.

***С.АЗИЗӢ,***
***«Омӯзгор»***

Миёни иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илми Тоҷикистон ва Беларус Ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

*Поквиҷдонро кирдораш беҳтар аз гуфтораш ошкор мекунад.*
*Гарсиан Балтасар*



Бегоҳ ҳамсояҳо, хешу табор барои аҳволпурсӣ дар хонаи Зокир ҷамъ шуда, бо ҳам суҳбат мекарданд. Ду рӯз пеш писараки сесолааш Бобоҷон аз дунё гузашта буд.

Гурбаи соҳибхона аз дар даромад. Ҷонвари лоғару бемадор назди остонаи дар истоду бо андоми маъюс як - як ба меҳмонон нигарист. Марде ин вазъи гурбаро диду гуфт: - Аз бисёрии одамон ҳайрон шуд.

- Хап шинед, канӣ, бинем, чӣ кор мекунад? - хоҳиш кард шахси дигар.

Гурба ба ҳар як меҳмон наздик шуда, сараш ё думашро расонида мегузашт.

- Меҳоҳад моро дурусттар шиносад, - ҷавоб дод Асрори ҷорводор.

Эшонтура сагашон мурд, - ба Зокир нигоҳ карда, гуфт домулло.

- На танҳо гурба, дигар ҳайвонот низ ҳиссиёти қавӣ доранд, - боз ба гап даромад Асрор. – Асп..

- Гурбаро бовар кардем, асп ҳам думашро расонида, одамро мешиносад? – гапи Асрорро бурид ҳамон мард.

- Ҳанӯз одам ба асп нарасида, асп ҳиссиёти одамро ҳис мекунад.

- Тоза қоил кардӣ, - ҳайрон шуд Акмал, - Ҳиссиёти асп, аз одам ҳам гузаронида будааст-дия.

- Инро ҳамаатон хуб медонед, фақат эътибор намедиҳед, инсони бо нияти саворшавӣ наздикшударо асп бо сарҷунбонӣ имтиҳон мекунад. Агар одами босиёсат бошад, ҳайвон сари тоат фароварда, ҷунбиданро бас

# Гурбаи Бобоҷон

- Чӣ хел? – пурсид Максуд.

- Аз байнамон инсони хислаташ хубро меҷӯяд, - боз гуфт Асрор.

- Биё, мон, қоил кардӣ, гурба ақл надорад - ку? – бовар накарда гуфт Мурод.

- Ақлаш набошад ҳам, ҳиссиёт дорад, - ҷавоб гардонд Асрор.

- Хап шинед, - хоҳиш кард ҳамон мард, - канӣ бинем, чӣ кор мекунад.

Гурба назди Асрор омаду сарашро молида истод. Асрор аз дастархон як бурида нон гирифту аз қабаташ каме мағз ҷудо намуда, пеши гурба гузошт. Гурба ба нонрезаҳо майле зоҳир накарду гузашта кунҷи хона хобид.

- Каси меҷустагиашро ёфта натавонист. Имрӯзи дароз чизе нахӯрд, касал,- ба гурба нигариста, гап кушод соҳибхона.

- Ин гурба ба хонаи ман ҳам бисёр меравад, - ба гап ҳамроҳ шуд ҳамсояи Зокир домулло Ҷалолиддин, - духтаронам гурбаи Бобоҷон мегӯянд.

Зокир ба хотири меҳри зиёд доштан ба бобояш Ғоибназар, писарашро Ғоибназар ном гузошта буд ва аҳли хона Бобоҷон ном мегирифтанд. Кӯдак баъди бемории серӯза дар бемористони ноҳиявӣ аз олам гузашт.

Зокир оҳи чукур кашиду гуфт: - Бобоҷон дар дусолагӣ аз гурба метарсид. Баъди қадам ба се мондан дигар ҳамроҳаш бозӣ мекардагӣ шуд. Овози гурбаро шунидан замон дарҳол дарро мекушод. Гурба бисёр вақт паҳлуяш кулча зада мехобид.

- Баъзе ҳайвонот ба инсон чунон сахт меҳр мебананд, ки кас ҳайрон мешавад. Ёдатон бошад, баъди як рӯзи вафоти бобои мекунад.

- Рост мегӯйӣ, ман борхо инро мушоҳида кардаам, гови ҷӯшоиямон келинро ҷӯшидан намемонаду аз занак тарсида, начунбида меистад, - фикри Асрорро маъқул кард марде.

- Хари ман писари калониро саворшавӣ мегузораду хурдиро не, - забон хоида гуфт Акмал.

- Гурба боз аҷоиб хислате дорад, - баъди хомӯшии андак ба гап даромад Асрор, - ҷойи дармандии инсонро медонаду болои дарди соҳибаш меистад. Ман инро борхо мушоҳида кардаам.

- Ҳа, ҳайвонот дар баъзе ҳиссиёт аз одам пештаранд, ин чизи Худодод мебошад, - домулло Ҷалолиддин дурусттар нишасту ба гапашро давом дод. - Вақте ки Қобил Ҳобилро кушт, куҷо пинҳон кардани ҷасадро надонист. Худованд ду зоғро фиристод. Парандаҳо бо якдигар ҷанг шуданд. Яке дигареро кушт ва бо нӯлаш заминро кофту зоғи мурдаро зери хок кард. Ҳобил ҳам чун зоғ заминро кофту бародарашро зери хок пинҳон кард. Дар сураи Моида ояти сиву якум омадааст: Худо кулоғеро водошт, то заминро бикковад ва ба ӯ биёмӯзад, ки чӣ гуна часади бародари худ пинҳон созад. Гуфт: "Вой бар ман, натавонам ҳамонанди ин кулоғ бошам ва пайкари бародарамро дафн кунам". Ва дар зумраи пушаймонон даромад.

Вақти рафтани меҳмонон гурба ҳам аз дар баромад ва дигар ба хона надаромад. Касе ба буду набудаш эътибор намедод. Саҳар диданд, ки беруни ҳавлӣ, лаби сой, болои хоктеппаи рӯ ба рӯи дарвоза мурдааст.

# Гулҳо умри дароз бинанд

Духтарчаи додарам Шукронаи понздаҳсола аҷоиб хислатҳое дошт. Дар вақти дувоздаҳсолагиаш назди девори хона гулҳои хонагӣ кошт. Гулҳо баромаданду аз сабаби дар соя будан тез хазон шуданд. Соли дувум фикр карду гулҳоро дар ҷойи офтобрӯйи ҳавлӣ кӯчонид. Он сол гулҳо қариб бист рӯз зиёд аз порсола умр диданд. Соли савум гулҳоро таги айвон, паси тагсинҷ кӯчонд ва гулҳо то барф боридан сабзу хуррам монданд. Вай фикр мекард, ки ба чӣ тадбир умри гулҳояшро дарозтар кунад.

Падараш дар муҳоҷират буд. Боре аз падараш хоҳиш кард, ки пеши айвонро оинабандӣ кунад, то гулҳо аз сармо эмин монанд.

Рӯзҳои аввали моҳи январи соли равон устоҳои шаҳр пеши айвонро оинапӯш карданд. Шукрона хурсанд буд, ки умри гулҳояш боз дароз мекунад. Охири моҳ бемор шуд. Ба беморхона бурдем. Бемории Шукрона сахттар шуду аз ман пурсид: - Падарам меоянд?

- Гуфтам, ки дар фурӯдгоҳ азми омадан доранд.

Чизе нагуфту чеҳра кушод.

Соати дуи шаб ба хоҳарам занг задам: - Мо рафта истодаем.

- Шукрона чӣ? - пурсид хоҳарам.

Бо як азоб ҷавоб додам: - Ҳамаамон...(Шукрона фавтида буд).

***Нозимҷон СОҲИБОВ,***
***омӯзгори таърихи МТМУ №35, ноҳияи Деваштич***

# Дуде, ки ҳамасола 3 миллион касро мехӯрад

Миқдори афроди сигоркаш дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо қариб ба 40 фоиз расидааст. Ба гуфтаи рӯзномаи испании «Паис», аз ҳама мардуми сигоркаш юнониҳо мебошанд. Дар Юнон 44 фоизи аҳолӣ ба дуди талхи тамоку дил бастаанд. Ғайр аз ин, Юнон кишварест, ки дар Аврупо аз ҳама бештар – соле 40 ҳазор тонна тамоку истеҳсол мекунад. Миёни кишварҳои Аврупо аз ҳама кам дар Португалия сигор мекашанд. Ҳамагӣ 29 фоизи португалиҳо дилбастаи тамокуянд. Нархи сигор дар ин кишвар арзон аст. Аз соли 1982 дар Португалия қонуне амал мекард, ки мувофиқи он таблиғ (реклама) - и тамоку ва кашидани сигор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ манъ шудааст. Дар дуди сигор 400 пайвастагиҳои зарарнок мавҷуд аст, ки ин 200 – и он заҳрҳои кушандаанд.

Дар ИМА аз бемориҳои вобаста ба тамоку нисбат ба фалокати автомобилӣ даҳ маротиба мардум бештар қурбон мешаванд. Дуди заҳролуди тамоку солона сари се миллион касро



мехӯрад. Тамокукашон бештар ба бемориҳои саратон, қалб, захми меъда, фишори хун ва роҳи нафас гирифтор мешаванд.

# БАДӢ НАКАРДАН ҲАМ ХУБИСТ

*Ҷазои гуноҳҳои якҷоя кардаатонро ҷудо – ҷудо мебинед.* ***Рудерд Киплин***

*Аввали ғазаб девонагӣ ва охираш пушаймонист.* ***Томас Карлин***

*Дин ва ахлоқ якдигарро пурра мекунанд.* ***Ҳенри Ҳейне***

*Донишманд мисли офтоб аст, куҷое, ки дарояд, равшанӣ мебахшад.* ***Зубайр***

*Ахлоқи ҳамида чеҳраи хандон, сухани нарму ширин ва хубӣ кардану бадӣ накардан аст.* ***Ҳасани Басрӣ***

*Инсони бадахлоқ мисли кӯзаи шикаста аст, ки на кӯза буданаш маълум асту на гил буданаш.* ***Александр Дюма***

*Қудрати ҳама гуна бадӣ карданро дорӣ, аммо бадӣ накардан ин худ хубист.* ***Анри Барбюс***

*Бахшиданро танҳо ҷасурон медонанд. Дар табиати тарсончакҳо аз бахшидан нишоне нест.* ***Лоренс Ситерн***

*Ҳайф бар он касе, ки намедонад ва сад ҳайф бар он кас, ки медонаду амал намекунад.* ***Марк Твен***

*Бо бахил рӯ ба рӯ шудан офатест бар мусулмон.* ***Бишри Ҳофӣ***

*Неъмате, ки ба одамон одилона тақсим шудааст, ақл аст, зеро касе аз кам будани он шикоят намекунад.* ***Монтейгин***

*Инсон аз ҳайвон бо ақл фарқ мекунад. Ӯ, ки аз ақл дур шуд, ба ҳайвон мубаддал мегардад.* ***Эпикур***

*Айби дӯстатро ба дӯстат дар танҳоӣ бигӯ. Дар байни дигарон фақат аз ҳунараш сухан гӯй.* ***Арасту***

*Шахсе, ки аз ҳаром мегурезад, зоҳид аст, шахсе, ки аз шубҳа мегурезад, авлиёст.* ***Абдулҳоким Арвосӣ***

*Адолат, ки аз дунё рафт, инсонро дигар қадру қимат намемонад.* ***Иммануэл Кант***

# Пушаймонӣ надорад суд

Як зумра касон саросемакоранд, дурандеш нестанд. Амалеро бе маслиҳати дӯстону пайвандон иҷро карда, оху афсӯс мехӯранд. «Кош, ин тавр намекардам», - гӯён худро маломат мекунанд. Албатта, дигар оху афсӯс хӯрдану изҳори пушаймонӣ кардан маҷоли «Ба ҳован об кӯбидан» - ро мемонад. Андарзи «Аввал андеша в – он гаҳе гуфтор» - ро ба кор бурдан салоҳи кор мебуд, зеро амали нораворо Зулайхо дар ҳаққи Юсуф кардаву як умр худро набахшид. Чунин кори носавобро шоир ин тавр назм карда:

*Зулайхо мурд аз он ҳасрат, ки Юсуф гашт зиндонӣ,*
*Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ?*

***

Баъзеҳо худашон хуб медонанд, ки дар ин ё он кор ба хато рафтаву барои наҷоти хеш дурӯғу бӯҳтон ҳам задаву касеро бадном низ кардаанд, бо онҳое, ки нияти зишт доранд, ҳаққи ятимеро мехӯранд, зино ва бераҳмӣ мекунанд, рибохӯранд… ҳамтабақу ҳаммаслаканд. Аз ин амали онҳо – ҷаҳолати нобахшиданиашон ҳатто Каъба низ мутаҳайир гардидааст, ки як умр чодари сиёҳ мепӯшад:

*Каъбаро гуфтам: Сияҳ пӯшиданат аз баҳри чист?*
*Гуфт: Аз ҷаҳли ҳамин уммат азодорем мо.*

***Ҳотами ХОМИД,***
***«Омӯзгор»***

## БА ОДАМИ ЗИНДА ИТОАТ НАМЕКУНӢ



*Вақте ки Ашӯр Сафар директори Хонаи пешоҳангони шаҳри Кӯлоб буд, методист наздаш даромада, аз шоир Иброҳим Ҷалилзода шикоят мекунад, ки қариб ҳар рӯз ба кор дер меояд.*

*-Майлаш, худам мефаҳмонам, дигар дер намеояд, - методистро ором мекунад Ашӯр Сафар. Ва нисфирӯзӣ фурсат ёфта, ҳамроҳи Ҷалилзода суҳбаткунон сари чорсӯ меравад. Дар рафти чақ-чақ чорогакро ба ӯ нишон дода мегӯяд:*

*-Нигоҳ кун, Ҷалилзода! Чорогак як чашмашро мепаронад, бист мошин аз ин тараф меистаду бист мошин аз он тараф. Ту ба одами зинда итоат намекунӣ?*

*Дигар Ҷалилзода ба кор дер намемонад.*

## ТУ БИСЁР ЧИЗҲОРО НАМЕФАҲМӢ

*Ашӯр Сафар писари аввалинашро хонадор мекунад. Меҳмони зиёде аз Душанбе ба Кӯлоб меравад. Дар байни меҳмонон Лоиқ Шералӣ ҳам буд.*

*Лоиқ ба хона даромада, бо аз ҷо хестагон вохурӣ мекунад ва дар байни онҳо Ниёз Сафаровро дида ҳайрон мешавад.*

*-Эҳ, Ниёз Сафарович, шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?*

*-Охир, ҳамин шоир, - ба Ашӯр Сафар ишора мекунад Ниёз Сафаров, - бародарам аст.*

*-Ҳа-а! Инашро ман нав фаҳмидам, - мегӯяд Лоиқ.*

*-Гузар, гузар! – Лоиқро аз боло мегузаронад Ашӯр Сафар. – Ҳоло ту бисёр чизҳоро намефаҳмӣ.*

## ИСЛОҲ КАРДА МЕШАВАД?

*Боре шоир Сафармуҳаммад Аюбӣ шеъри наве менависад ва онро ба Ашӯр Сафар хондани мешавад.*

*-Устод, - пеш аз хондани шеър таъкид мекунад Аюбӣ. – Як шеър мехонам, гӯш кунеду ислоҳ накунед.*

*-Бихон, бихон! – мегӯяд Ашӯр Сафар. -Туро магар ислоҳ карда мешавад?*

## ДИЛИ ХАЛҚ АЗ ШУМО

*Нависанда Абдулҳамид Самад дар суҳбате ба ҳамқаламонаш мегуфт:*



*-Нависандаву шоир бояд ба халқ наздик бошанд. Чи қадаре метавонед, дар дили халқ ҷо гиред!*

*Ашӯр Сафар, ки аз боло нишаста, нозу неъматҳои дастархонро нӯши ҷон мекард, чунин мегӯяд:*

*-Дили халқ аз Шумо, домулло! Чанде метавонед, ҷо гиред. Мо дар сари дастархонаш ҷо гирем, бас аст.*

***Гурез САФАР***

Дар қаророгоҳи СММ вазъи омодагӣ ба Конфронси дуюми байналмилалии Душанбе баррасӣ гардид.

ТАЛАФОТ

# Меҳмон БАХТӢ



***20 майи соли равон Нависандаи халқии Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ дар 81-солагӣ аз олам даргузашт. Меҳмон Бахтӣ нависанда, шоир ва драманависи тоҷик, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1972), Нависандаи халқии Тоҷикистон буда, дорандаи Ҷоизаи комсомоли ленинии Тоҷикистон, Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Арбоби шоистаи ҳунари Тоҷикистон ва дорандаи медали адабии байналмилалии ба номи Михаил Достоевский мебошад. Ҳамзамон бо орденҳои «Шараф», «Исмоили Сомонӣ» ва се медал мукофотонида шудааст.***

Меҳмон Бахтӣ 25 марти соли 1941 дар деҳаи Шули ноҳияи Рашт ба дунё омадааст. Соли 1958 Омӯзишгоҳи омӯзгории Навобод, соли 1963 факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанберо хатм кардааст. Солҳои 1973-1975 дар Донишкадаи адабиёти ба номи Максим Горкий (Москва) касби камол намудааст.

Давоми солҳои гуногун мудири бахши адабӣ-драмавии Телевизиони ҷумҳурӣ, ҷонишини сармуҳаррири «Тоҷиктелефилм», сармуҳаррири шуъбаҳои адабию драмавӣ ва ҷавонони Телевизиони тоҷик, мудири бахши адабии Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, мудири Хонаи адибони ба номи Мирзо Турсунзода, раиси Шурои кор бо навқаламон, раиси Маркази тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагон ва мудири бахши тарҷума ва нашри Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз июли соли 2007 муовини раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, раиси бахши Тоҷикистонии Муколамаи «АвруОсиё» буд. Аз соли 1995 то 2000 вакили мардумии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати якум аз ҳавзаи интихобии 35-уми ноҳияи Ғарм ва ҳамзамон, раиси комиссия оид ба этикаи депутатӣ ва имтиёзҳои депутатӣ буда, соли 2005 узви Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мегардад.

Ҳамзамон, соли 1999 сардори шуъбаи ташвиқоти адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон таъйин мешавад. Баъд аз он солҳои 2004 ва 2009 ду маротиба ба ҳайси раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб гардидааст.

Аз ибтидои солҳои 60-и асри XX ба кори эҷодӣ машғул буд. Муаллифи филмномаҳо ва намоишномаҳои зиёдест.

Намоишномаҳои «Фирдавсӣ» ва «Шоҳ Исмоили Сомонӣ» дар фестивал-озмунҳои Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ сазовори Гран-При (Шоҳҷоиза) гардидаанд.

Муаллифи қиссаҳои «Оҳи сабук» (1971), «Хубон» (1978), «Пирамард» (1982), «Се соати даҳшатбор» (1988) ва маҷмӯаи намоишҳои «Лаҳзаи ҷовид» (1972), китоби шеърҳои «Пайғоми баҳор» (1975), «Хаёли ширин» (1985), китоби қиссаву ҳикояву мақолаҳои «Рӯҳи тавоно» (1987), маҷмӯаи намоишҳои «Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ…» (1980), китоби қиссаву ҳикояҳои «Оҳи сабук» (1987), маҷмуаи «Пйесаҳо» (1982), гулчини қиссаву намоишҳои «Манзари қисмат» (2003), достони «Бозтоби Офтоб» (2006), маҷмуаи «Қиссаҳо» (2007, ба забони русӣ) «Оҳанги хаёл» (2011) мебошад.

Повести «Хубон» (1982) дар маҷаллаи бонуфузи Иттифоқи нависандагони Шӯравӣ «Дружба народов» чоп шуда, баъдан ба пешниҳоди маҷалла сазовори Мукофоти ба номи Николай Островский гардидааст. Ҳамчунин, соли 1980 дар нашриёти «Ирфон» таҳти силсилаи «Илҳом» аз чоп баромада, ба унвони «Китоби сол» сазовор гаштааст ва ба сифати китоби алоҳида дар Туркия, Гурҷистон, Қирғизистон ва Туркманистон ба табъ расидааст.

***Хотираи неки ин адиби номвар дар хотираҳо ҷовидон боқӣ хоҳад монд.***

ЁДВОРА

# Рафиқи шафиқу дӯсти муносиб

Бо инсонҳои хуб, дорои хислатҳои наҷиб дӯстӣ пайдо кардану эҳтиромашонро ба ҷо овардан ба кас ҳаловат мебахшад. Ҳар гоҳ ки бо зиндаёд Ҳокими Азиз вомехӯрдам, аз самимияту мулоимгуфториаш хушам меомад. Вохӯрии мо бо ӯ ҳанӯз ҳангоми дар мактаби миёна таҳсил карданамон рух дода буд.

Солҳои мактабхонӣ бо рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз») ва маҷаллаи «Машъал» (ҳоло «Истиқбол») ҳамкорӣ доштам. Аз ҳаёти ҳамсинфону дӯстони мактабӣ, аз хусуси вохӯриву мулокот бо одамони номдори деҳаамон хабару мақола, лавҳаю гузориш менавиштам. Зери навиштаҳоям Ҳ. Ҳомидов имзо мегузоштам. Баъзан бо ҳамин имзо аз водии Дарвоз, аз Сағирдашт ҳам навиштаҳои гуногунмавзӯъ ба табъ мерасиданд.

Дар синфи панҷум мехондем. Як рӯз роҳбари синфамон Турсуной Меликова (рӯҳашон шод бод!) газетаи «Пионери Тоҷикистон» дар даст ба синфхона ворид шуданд. Маро табрик карданд, ки бо номи «Оҳ, куртаам сӯхт» мақолаам чоп шудаст. Мақолаи ҳасбиҳолие чоп шудаву зераш имзои Ҳ. Ҳомидов гузошта шудааст. Ҳама ҳамсинфон ба ман ҳасад мебурданд, охир ин газета нашрияи дӯстдоштаи тамоми хонандагони Тоҷикистон буд, ки бештар аз 100 ҳазор нусха, мохе ҳашт маротиба чоп мешуд. Ҳарчанд исроромеs мегуфтам, ки муаллифаш ман нестам, аммо ҳеҷ кас бовар намекард. (Барои ҳамин ҳам, минбаъд доимо ба рафиқони ҳамкасбам таъкид менамоям, ки ному насабашонро зери навиштаҳояшон ҳатман пурра нависанд). Азбаски ман ҳам бо ҳамин ному насаб менавиштам, аз муаллима сар карда, ҳама ҳамсинфону мактабиён табрик карда мегуфтанд, ки мақолаи хуби хонданбоб навиштаӣ. Ҳаҷмаш ҳам калон, бештар аз ним саҳифа.

Ёд дорам, ки пас аз чанд вақти дигар дар маҷаллаи «Машъал» мақолаи ман бо ҳамин имзо чоп шуду ҳаққи қаламро (30 сӯм, ки он вақт курби хеле баланд дошт) кормандони почта ба Ҳ. Ҳомидови дигарӣ фиристодаанд. Ниҳоят мо бори аввал ба ҳам вохӯрдем. Ӯ аз чайбаш се даҳсӯмаро бароварда, табассумкунон ба ман дароз кард:

- Гир, инҳо аз худатанд, гонорари туро саҳван ба ман фиристодаанд. Ман, ки аз асли воқеа бехабар будам, инро шӯхӣ пиндошта, пулро нагирифтам, аммо вай бо исрор исбот карданӣ мешуд, ки он ҳаққи ҳалоли ман асту бояд бигирам...

Он вақт, соли 1979, Ҷумъа Қуддус – имрӯз адиб ва драманависи шинохтаи тоҷик, пас аз хатми Донишгоҳи миллӣ навакак барои кор ба «Пионери Тоҷикистон» ба кор қабул гардида буданд. Ҳангоми вохӯриҳо ба ман ба ҷойи Ҳотам Ҳокимбек гуфта муроҷиат мекарданд. Ҳатто ба маҷмуаи аввалини пйесаҳояшон, ки ҳамон шабу рӯз чоп шуда буд, дар соядасташон ба ман «Ба Ҳокимбек Ҳомидов … гӯён дастхат навишта буданд. Баъдтар фаҳмидам, ки ӯро Ҳотаму маро Ҳокимбек гумон мекардаанд. Дар як вохӯриамон бо Ҳокимбек дар ин хусус қисса кардам. Вай хеле хандиду пешниҳод кард:

- Ин тавр бошад, биё худат имзоятро тағйир деҳ, ягон тахаллус интихоб намо.

Аммо ман нахостам, гуфтам, ки шумо сермаҳсул, бисёр менависед, синну солатон ҳам аз ман калон, хонанда шуморо хубтар мешиносад, қаламатон сайқал ёфтагӣ, ман кучову тахаллус куҷо? Хуллас, вай инро писандиду ҳамин тавр «Ҳокими Азиз» шуд.

Яъне мо бо ӯ собиқаи дерини шиносоиву дӯстиву бародарӣ доштем, ҳамкасб будем.

Ӯро эҳтиром накарда наметавонистӣ. Инсоне буд заминиву хоксор, дурандешу накукору накугуфтор, навобаста ба вазъи рӯҳиву ҳолатҳои дигари рӯзгор мекӯшид ба ҳамсуҳбати хеш меҳрубон бошад. Ин хислатҳоро минбаъд зимни шиносоӣ дар бародари калониаш, адиби шинохта – Шарифбек Азизӣ ва додараш Ҳакимбек (бо Ҳакимбек, ки имрӯз дар зодгоҳаш омӯзгор аст, панҷ сол дар донишгоҳ ҳамсабақ будем) низ пайдо намудам. Хизматҳои Ҳокими Азиз ҳамчун рӯзноманигор дар журналистикаи тоҷик, бахусус, дар соҳаи телевизиону радио хеле чашмрасу мондагоранд. Суҳбатҳои пурмуҳтаво ва пурманфиати ӯ бо шахсиятҳои шинохтаи илму адаб, фарҳангу маорифи тоҷик хеле хотирмонанд, ки боварӣ дорам, тамошобин ва хонандаи тоҷик солҳо боз аз онҳо истифода мебаранд. Қисми бештари муҳовараю намоишҳои таълифнамудааш имрӯз дар хазинаи тиллоии радиову телевизиони тоҷик маҳфузанд. Онҳо сарчашмаеанд, ки минбаъд дар инъикос ва таҳқиқи осору фаъолияти эҷодӣ ва рӯзгори эшон кумак хоҳанд кард. Бо бародараш – Шарифбек ромаҳи калонҳаҷмеро ҳам таълиф намуданд, ки аз тарафи хонандагон хуш пазируфта шуд.



Як паҳлуи дигари фаъолияти рӯзноманигории Ҳокими Азиз соҳаи маориф буд, ки дар ин ҷода низ дасти боло дошт. Чанд муддат бевосита дар Вазорати маориф ва илм, дар вазифаи масъул кор карда, ниҳоят сармуҳарририи маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» - ро ба уҳда дошт. Солҳои фаъолияташ ба паҳлуҳои муҳими соҳаи маориф диққати муаллифони маҷалла ва хонандагонро ҷалб намуда буд. Тавонист, ки ба масъалаҳои пурмуаммои соҳа даҳл намуда, роҳҳои ҳалли онро ба воситаи суҳбату муҳовараҳо бо мутахассисони соҳа мавриди ҳаллу фасл қарор бидиҳад. Яъне, ӯ эҷодкор буд, ки ҳамеша дар такопу ва серкору сертараддуд.

Боре аз хусуси истироҳат сухан рафт. Бе ягон андешаи сохтакоронаву дудилагӣ гуфт: - Кор бароям истироҳат аст.

Оре, рафиқе буд шафиқ, хиёнатро дар ҳаққи касе раво намедид, аз ғайбату бадгӯиҳо дурӣ меҷуст, намакшиносу беозор буд ва дар ҳама кор самимиятро дӯст медошт. Ҳамсуҳбаташ ҳатман аз ӯ бехтарин хислатҳои неки инсониро ба худ гирифта метавонист. «Ба гузашта салавот» - мегуфт, барьакс, мехост ба рақибаш ҳам (агар бошад) дасти ёрмандӣ дароз кунад. Захматкаш буд, ба қавли Шайх Саъдӣ, «нон аз амали хеш» меҳӯрд. Ин хислатҳоро шахсан дар ӯ борҳо дарк карда будам. Ному фаъолияти ин гуна инсонро оё мешавад, ки фаромӯш кард? Ӯ лоиқи ҳама гуна эҳтирому ситоиш буд.

Чандест, ки ӯ ҳамаро тарк кардa. Дигар аз ӯ фақат хотироти нек боқӣ монда. Хотираи ҷунин инсони комилу дардошно гиромӣ ва хонаи охираташ ободбод!

*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №011811, ки онро соли 1997 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №107-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе (собиқ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи Рӯдакӣ) ба Авдилов Ҷумабек Мирзошарифович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи №0061190 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2003 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Паҳлавонова Мастона Шарифбеговна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БР №002346, ки онро соли 1987 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Шоева Тобон Маҳмадуллоевна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А-№311714 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1982 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 ба номи Юсуфбеков Рустамбеки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Назарова Мусалам Сангалиевна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи С №811650, ки онро соли 1981 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе (ҳоло литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе) ба Сурнатов Аҳмад Изатович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ №024597, ки онро соли 1998 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Юлчиев Фарҳод Соибович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №0031990 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2006 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Эргашева Дилдора додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №0040044 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2004 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Самиев Олимҷон додааст, эътибор надорад.

**Аҳли эҷоди нашрияи «Омӯзгор» аз даргузашти Нависандаи халқии Тоҷикистон Меҳмон БАХТӢ андуҳгин буда, ба аҳли оила ва хешону пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ ва таслият менамоянд.**

**Аҳли эҷоди ҳафтаномаи «Омӯзгор», маҷаллаҳои «Маърифати омӯзгор» ва «Маорифи Тоҷикистон» ба мухбири нашрияи «Омӯзгор» дар минтақаи Кӯлоб Шариф Абдулхамидов бинобар даргузашти БАРОДАРАШ ҳамдардӣ баён мекунанд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба уҳда нагирад. *Навбатдор шумора Н. ОХУНЗОДА*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 40883 нусха | Таррох: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.